ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

# ҲИСОБОТИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ОИД БА НАТИҶАИ КОРҲОИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ, ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ВА ВУСЪАТ ДОДАНИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР СОЛИ 2017

Душанбе -2017

## ҲИСОБОТИ
## ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ОИД БА НАТИҶАИ КОРҲОИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ, ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ВА ВУСЪАТ ДОДАНИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР СОЛИ 2017

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маркази асосӣ ва пешбари таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар самти омода кардани мутахассисони болаёқати соҳаи ҳуқуқшиносӣ, тадқиқу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масоили мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, боло бурдани дониш, шуур ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мақоми намоёнро соҳиб мебошад. Факултети ҳуқуқшиносӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба тайёр кардани кадрҳо, иҷрои барномаву стандартҳои давлатии ҳуқуқшиносӣ ҳамчун сохтори таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, таъмини устувор ва босифати кадрҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти ҳуқуқии корхонаву муассиса ва ташкилотҳо, бонкҳо, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, макотиби олии ҷумҳурӣ амалӣ месозад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар бахши таълим, тарбия ва илм аз ҷониби кафедраҳо ва дигар сохторҳои таркибии факултети ҳуқуқшиносӣ корҳои назаррасе анҷом дода шуданд. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ корҳои таълим, тарбия ва илм аз ҷониби ёздаҳ кафедра, аз ҷумла кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ; кафедраи ҳуқуқи гражданӣ; кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ; кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ; кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат; кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ; кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; кафедраи забонҳои хориҷӣ; кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ба роҳ монда шудаанд. Дар факултет аз рӯйи ихтисосҳои зерин раванди таълим ба роҳ монда шудааст: шуъбаи рӯзона - ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси 24010200); шуъбаи рӯзона-ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси 24010200) – магистр; шуъбаи рӯзонаи ҳуқуқи байналхалқӣ (ихтисоси 24010100); 24010100 - ҳуқуқи байналхалқӣ – магистр; 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ; 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ-магистр; 26010200 – идораи давлатӣ ва ҳуқуқ; 26010200 – идораи давлатӣ ва ҳуқуқ-магистр; 24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз; 93010200 - экспертизаи судӣ; 24010217 - ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ; шуъбаи ғоибонаи умумӣ (ихтисоси 240102000); шуъбаи ғоибонаи идораи давлатӣ ва ҳуқуқ (ихтисоси 26010200); шуъбаи ғоибонаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (ихтисоси 93010100); шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ.

Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 137 (20 нафараш зан) нафарро ташкил дода, барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ 122 нафари онҳо ҷалб карда шудаанд. Дар қатори онҳо 17 нафарашон доктори илми ҳуқуқ, профессор мебошанд, ки аз ин шумора 2 нафарашон Академики АИ ҶТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 48 нафар дотсент (43 номзади илми ҳуқуқ, 3 нафар номзади

илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ), аз ин шумора 10 нафарашон зан), 12 нафар муаллими калон (1 нафари онҳо зан ва 1 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ) ва 57 нафар ассистент (7 нафараш зан ва 2 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ) мебошанд.

Сину соли омӯзгорони факултет мардон 36 сола ва занон бошад 39 соларо ташкил медиҳад.

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ соли таҳсили 2017-2018 бо назардошти тамоми шуъбаҳои амалкунанда 3850 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин шумора: 1631 нафар ба курсҳои 1-5-уми шуъбаи рӯзонаи умумӣ; 1017 нафар ба курсҳои 1-5-уми ихтисоси ҳуқуқи байналхалқӣ ва низоми таҳсилоти кредитӣ; 504 нафар ба курсҳои 1-5-уми шуъбаи ғоибона; 696 нафар ба курсҳои 1-3-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ рост меоянд. Аз шумораи умумии пешниҳодшуда 2648 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 1200 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил менамоянд.

## *А) НАТИҶАИ КОРҲОИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ ДАР ШУЪБАҲОИ РӮЗОНАВУ ҒОИБОНА ЧУНИН АСТ:*

## I. ШУЪБАИ РӮЗОНАИ УМУМӢ (ИХТИСОСИ 24010200 - ҲУҚУҚШИНОСӢ)

Айни замон таълим дар факултет аз рӯйи ду низом: низоми таҳсилоти анъанавӣ ва низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ монда шудааст.

Раванди таълим барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзонаи курси 1-ум, 2-юм ва 3-юми факултет мувофиқи нақшаи таълимии соли 2016, курси 4-уми факултет мувофиқи нақшаи таълимии соли 2015, барои донишҷуёни курси 5-ум бошад, дар асоси нақшаи таълимии соли 2012 ба роҳ монда шудааст. Машғулиятҳо дар шуъбаи рӯзонаи умумӣ барои нимсолаи баҳорӣ мувофиқи ҷадвали дарсии тасдиқнамудаи Раёсати таълим аз 04.02.2017 ва барои нимсолаи тирамоҳӣ аз 01.09.2017 шурӯъ гардиданд.

Бо мақсади вусъат додани корҳои таълим ва тарбия дар факултети ҳуқуқшиносӣ «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» қабул гардида, ҷиҳати амалӣ намудани он садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамасола Нақша-чорабиниҳои дахлдор таҳия менамояд. Дар самти таъмини сатҳи баланди сифати таълим, устувор намудани мавқеи факултет дар бозори хизматрасонии таълимӣ ва илмии Тоҷикистон ва сатҳи байналмилалӣ, дар давраи ҳисоботӣ чунин корҳо ба анҷом расонида шудаанд:

- то оғози соли таҳсил матни электронии лексияҳо, саволномаҳои фаннӣ, саволномаҳои тестӣ, слайдҳо, нақшаҳо омода карда, ба донишҷӯён дастрас карда шуданд;
- баҳри таъмин намудани раванди босифати таълим силлабусҳо ва дигар воситаҳои айёнӣ таҳия гардида, аз ҷониби Шӯрои илмӣ ва методии факултет тасдиқ гардида, аз ҷониби устодон фаъолона дар ҷараёни дарсҳо истифода гардиданд;
- барои ворид намудани усулҳои фаъол ва технологияи муосир дар раванди таълим дар факултети ҳуқуқшиносӣ чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст;

Ҷиҳати андешидани тадбирҳо баҳри комилан аз байн бурдани дарсшиканӣ дар ҷараёни дарс пайваста аз ҷониби шахсони масъули садорати факултет назорат бурда мешавад. Ба мақсади таъмини сифати ҷараёни таълим ва пешгирии ҳамагуна ҳолатҳои беасоси дарсшиканӣ ва ивази бемувофиқа (бомувофиқа)-и дарсҳо аз ҷониби садорати факултет дар ҷаласаҳои садорат таъкидҳо ба амал бароварда шуда, ҳамзамон гурӯҳҳои махсуси корӣ таъсис дода шуда буданд, ки вазифаи асосии аъзоёни гурӯҳ пурзур намудани кор дар ин самт буд.

Аз ҷониби аъзоёни Шӯрои методии факултет дар ҳамбастагӣ бо муовинони декан оид ба таълим масъалаи даромадан ба дарсҳои омӯзгорони ҷавон ва таҳлили онҳо мақсаднок ба роҳ монда шуда буд. Дар ҳар мавриди ошкор намудани дарсшиканӣ аз ҷониби омӯзгорон дар ин хусус ахбори расмӣ ба Раёсати ДМТ манзур карда шудааст. Давомот, риояи қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва ҳолати иҷрои дастурамали либосҳои тавсиявӣ аз ҷониби донишҷӯён пайваста мавриди назорат қарор дошта, нисбати донишҷӯёне, ки талаботҳои зикршударо риоя накардаанд, муҷозотҳои арзандаи интизомӣ андешида шудааст.

Дар асоси фармоиши Ректори Донишгоҳ аз 05.12.2016, № 386-09 «Оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияи санҷишию имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2016-2017 барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзона» садорати факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми тадбирҳои заруриро барои дар сатҳи лозима доир намудани сессияи санҷишиву имтиҳонии курсҳои 1-4-уми шуъбаи рӯзона амалӣ намуд. Ба ин хотир ҷадвали санҷишу имтиҳонҳо омода карда шуда, ба Раёсати таълим барои тасдиқ супорида шуданд. Мувофиқи ҷадвали тасдиқшуда даври фаъоли имтиҳонҳо аз санаи 30.12.2016 то санаи 15.01.2017 ва даври дуюми имтиҳонҳо бошад аз санаи 16.01.2016 то санаи 28.01.2017 идома кард. Даври сеюми имтиҳонҳо бошад баъд аз оғози нимсолаи дуюми соли таҳсил аз 05.02.2017 то санаи 14.02.2017 идома кард. Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки санҷишҳои сессияи зимистонаи соли таҳсили 2016-2017-ро кулли донишҷӯён сарбаландона супориданд. Бо назардошти фармони зикршудаи ректори Донишгоҳ имтиҳонҳо дар тамоми шуъбаҳо ва ихтисосҳо бо тариқи тестӣ бо истифода аз технологияи иттилоотиву иртиботӣ қабул карда шуданд. Баъд аз ҷамъбасти даври сеюми имтиҳонҳо зиёда аз 100 нафар донишҷӯёни курсҳои 1-4-и шуъбаи рӯзона қарздор монданд. Бо сабаби зиёд будани шумораи қарздорон аз ҷониби Раёсати Донишгоҳ ба таври истисно ба донишҷӯёни курсҳои 1-4-ум барои аз нав супоридани имтиҳонҳо иҷозат дода шуд. Баъд аз ҷамъбасти сессияи санҷишиву имтиҳонии нимсолаи аввали соли таҳсили 2016-2017 дар маҷмӯъ 24 нафар донишҷӯён бо фармони ректори Донишгоҳ аз донишгоҳ хориҷ карда шуданд. Боқӣ кулли донишҷӯёни курсҳои 1-4-уми шуъбаи рӯзона имтиҳонҳоро сарбаландона ҷамъбаст намуданд. Бо назардошти ҷамъбасти сессияи зимистонаи имтиҳонии соли таҳсили 2016-2017 нисбати зиёда аз 180 нафар донишҷӯ фармон дар хусуси гирифтани идрорпулӣ ба тасвиб расид. Натиҷаи ҷамъбасти сессияи санҷишиву имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2016-2017 дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар

иртибот ба ин масъала аз ҷониби шахсони масъули факултет дар мувофиқа бо Раёсати таълими Донишгоҳ ҷадвали дарсӣ барои тамоми шуъбаҳои факултет омода ва тасдиқ кард шуданд.

Бо фармоиши Ректори Донишгоҳ аз 29.11.2016, № 237-04 донишҷӯёни курси панҷуми шуъбаи рӯзона аз таърихи 30.12.2016 то санаи 07.03.2017 ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешадипломӣ сафарбар карда шуданд. Рафти таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби шахсони мутасаддии кафедраҳо мавриди назорати доимӣ қарор дошт. Дар ин давра ягон ҳолати ҷиддии қонуншиканӣ ва риоя накардани талаботи таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби роҳбарони муассисаи таҷрибаомӯзӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз кафедраҳо ба қайд гирифта нашудааст. Мувофиқи ахбори расмии мудирони кафедраҳо кулли донишҷӯёни курси панҷум таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешадипломии худро ҳимоя намуданд.

Ҳамзамон мутобиқи фармоиши Ректори ДМТ Оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияи санҷишию имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2016-2017 барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзона аз 15.05.2017 таҳти рақами 109 - 09 давраи асосии сессияи санҷишию имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2016 - 2017 аз 29.05.2017 то 19.06.2017 ва низоми кредитии таҳсилот аз 05.06. то 25.06.2017 муқаррар карда шуд.

Сессияи санҷишии донишҷӯёни курсҳои 4-ум бо назардошти се давр аз 12.05.2016 то 23.05.2016 идома кард. Натиҷаи ҷамъбасти сессияи санҷишӣ дар ин курсҳо нишон дод, ки кулли донишҷӯён сессияи санҷиширо бо муваффақият супориданд. Сессияи имтиҳонии донишҷӯёни курси 4-ум бошад бо назардошти ду давр аз 25 май то 12 июни соли 2017 идома кард. Бо фармоиши Ректори Донишгоҳ аз 08.06.2016, № 219-04 донишҷӯёни курси чоруми шуъбаи рӯзона аз 27.06.2017 то 16.07.2017 ба таҷрибаомӯзии чорҳафтаинаи истеҳсолӣ равона карда шуданд. Донишҷӯёни курси дуюм бошанд дар асоси фармоиши Ректори Донишгоҳ аз 08.06.2017, № 218-04 аз 27.06.2017 то 30.07.2017 ба таҷрибаомӯзии таълимии панҷҳафтаина сафарбар карда шуданд. Дар ин замина мавзӯи ба амал баровардани назорати ҷиддӣ зимни баргузории таҷрибаомӯзӣ мавриди муҳокимаи ҷаласаи махсуси садорати факултет гашт. Дар он ба роҳбарони масъули таҷрибаомӯзӣ ҷиҳати назорати доимӣ аз рафти таҷрибаомӯзӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Давомнокии машғулият барои донишҷӯёни курсҳои 1-3-юми шуъбаи рӯзона нимсолаи дуюм 17 ҳафта муқаррар карда шуда буд._Ҳафтаи рейтингии курси 3-юм санаи 18.05.2017 оғоз гардида, бо назардошти се давр то санаи 27.05.2017 давом кард. Натиҷаи ҷамъбасти ҳафтаи рейтингӣ нишон дод, ки кулли донишҷӯён рейтингҳоро дар мӯҳлати муқарраргардида супориданд. Сессияи имтиҳонии курсҳои 1-3 таърихи 05.06.2017 оғоз гардида, бо назардошти як давр барои курси 1-3 то санаи 25.06.2017 идома кард.

Дар маҷмӯъ соли таҳсили 2016-2017 аз курсҳои 1-5-уми шуъбаи рӯзона 65 нафар бо назардошти қарзи академӣ ва риоя накардани қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз сафи донишҷӯён хориҷ карда шуданд. Бо қарори комиссияи интиқолу барқарори ДМТ 38 нафар аз шуъбаи

ғоибона ба шуъбаи рӯзона гузаронида шуданд; 12 нафар аз шуъбаи рӯзона ба ғоибона интиқол ёфтанд; 41 нафар ба шуъбаи рӯзона барқарор карда шуданд; 21 нафар аз дигар ихтисоси факултет ба шуъбаи умумӣ интиқол гардиданд; Дар маҷмӯъ натиҷаи ҷамъбасти ду даври имтиҳонӣ дар курсҳои 1-4-уми шуъбаи рӯзона дар шакли нақшавӣ чунин аст:

Натиҷаи имтиҳонҳои сессияи тобистонаи соли таҳсили 2016-2017 дар курси 1-3-юми ихтисоси 24010200-ҳуқуқшиносӣ

| курс | Ихтисос | Шумораи умумӣ | Натиҷаи даври якум | Даври сеюм | Қарздорон | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 24010200 | 260 | 114 нафар донишҷӯ муваффақ шуд | | (144 нафар) | 55,4% (144 нафар) |
| 2 | 24010200 | 328 | 198 нафар донишҷӯ муваффақ шуд | | (130 нафар) | 71,4 % (130нафар) |
| 3 | 24010200 | 314 | 177 нафар донишҷӯ муваффақ шуд | | (136 нафар) | 56,5% (136нафар) |
| 4 | 24010200 | 451 | 250 нафар донишҷӯ муваффақ шуд | | (251нафар) | 50,8% (250нафар) |
| | Ҷамъбаст | 902 | 365 нафар донишҷӯ муваффақ шуд | | (531-нафар) | 59,4% (531нафар) |

Аз рӯи натиҷаи ҷамбасти сессияи имтиҳонии нимсолаи дуюми соли таҳсили 2016-2017 ва натиҷаи қабули комисияи ДМТ дар маҷмуъ 408 нафар донишҷӯёни курсҳои 1-4–ум бо фармоиши ректори ДМТ бо идрорпули таъмин гардидаанд.

**Имтиҳони давлатӣ:** Дар асоси фармони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №116 аз 09 апрели 2017 «Оид ба тасдиқи ҳайат ва ҷадвали комиссияи аттестатсионии давлатӣ доир ба ихтисосҳо, дифои корҳои хатмкунӣ, рисолаҳои дипломӣ ва магистрӣ барои хатми соли таҳсили 2016-2017» комиссияи 1-ум таҳти раисии Ализода Зариф – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ фаъолият намуд. Донишҷӯёни бахши 5-уми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ имтиҳони давлатиро дар комиссияи №1 аз рӯи се фан супориданд: Назарияи давлат ва ҳуқуқ; Ихтисос-1; Ихтисос-2 / Ҳимояи рисолаи дипломӣ.

Дар рӯзҳои 3-юм то 20-уми майи соли 2017 дар асоси ҷадвал қабули имтиҳон аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» баргузор гардид.

Аз 21-уми май то 23-юми июни соли 2017 имтиҳон аз фанҳои «Ихтисос-1» баргузор гардид.

Аз рӯзи 03.06.2017с. то 23.06.2017с. имтиҳон аз фанҳои «Ихтисос-2» ва ҳимояи рисолаҳои дипломӣ гузаронида шуд. Баъзе донишҷӯён ба имтиҳон аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» бо тайёрии хуб наомада

буданд ва саволҳои оддии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»-ро, аз ҷумла, мафҳумҳои давлат ва ҳуқуқро ҷавоб дода натавонистанд ва бо чунин назардошт 11 нафар донишҷӯ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд. Дар баробари ин 17 нафар донишҷӯ имтиҳони «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»-ро бо баҳои «аъло» супориданд. Донишҷӯён барои супоридани имтиҳон аз фанҳои ихтисос бо омодагии хуб омада, имтиҳонҳоро бо муваффақият супориданд, баҳои ғайриқаноатбахш ва ғоиб дар имтиҳони мазкур бақайдгирифта нашудааст. Натиҷаи дифои рисолаҳои дипломӣ ва корҳои хатм чунин натиҷагирӣ карда шуд. Аз шумораи умумии 157 нафар 81 нафар рисолаи дипломӣ навишта аз ин шумора 22 нафар баҳои «аъло», 50 нафар баҳои «хуб» ва 11 нафар баҳои «қаноатбахш» гирифтанд.

Донишҷуёне, ки соли гузашта аз имтиҳоноти давлатӣ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифта буданд, такроран бо фармоиши ректори ДМТ ба имтиҳоноти давлатӣ роҳ дода шуданд, ки дар натиҷа:

- аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» - 3 нафар имтиҳон супорида, як нафарашон бо баҳои «хуб» ва ду нафари дигарашон бо баҳои «қаноатбахш» ҷамъбаст намуданд.

Натиҷаи ҷамъбасти имтиҳонҳо бо чунин пешниҳодҳо асоснок карда шуданд.

1. Бахри мукаммал гардонидани сатҳи донишандӯзии донишҷӯён зарур аст, ки дар ҷараёни таълим усулҳои нави таълим бештар истифода карда шаванд;

2. Бо мақсади такмили чорабиниҳои омодагӣ ба имтиҳони давлатӣ бо мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки билетҳои пешниҳодгардида бо назардошти навовариҳои илмию методӣ ҳам бо забони русӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ такмил дода шавад;

3. Вобаста ба ҳимояи рисолаҳои дипломӣ пешниҳод карда мешавад, ки номгӯи мавзӯъҳои рисолаҳои дипломӣ, кори хатмкунӣ ва рисолаҳои магистрӣ аз моҳи аввали соли таҳсил дар сайти факултет ҷо карда шуда, мавзӯъҳо боназардошти мубрамияти илмию-амалӣ таҷдиди назар карда шаванд.

4. Вобаста ба гирандагони дипломҳои аъло пешниҳод карда мешавад, ки расмиёти ислоҳи баҳои хуб ё ин, ки қаноатбахши онҳо аз байн бардошта шавад, зеро ки аксарияти ин нафарон ба талаботи имрӯзаи мутахассиси ҷавон аз нуқтаи назари маҳакҳои пешниҳодшуда ҷавобгӯ нестанд.

Фаъолияти комиссияи 2-юм, таҳти раисии Давлатов Ҷумъахон Маҳмадалиевич – Директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

Донишҷӯёни бахши 5-уми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ имтиҳони давлатиро дар комиссияи №2 аз рӯи се фан супориданд:

1. Назарияи давлат ва ҳуқуқ;
2. Ихтисос-1;
3. Ихтисос-2 / Ҳимояи рисолаи дипломӣ.

Ҳамин тариқ, дар умум аз фанни **«Назарияи давлат ва ҳуқуқ»** 262 нафар донишҷӯ имтиҳони давлатӣ супорид. Аз ин шумора 44 баҳои

«аъло», 94 баҳои «хуб», 124 баҳои «қаноатбахш»-ро ташкил медиҳад. Танҳо як донишҷӯ ба имтиҳон ҳозир нашуд.

Аз фанни ихтисос аз шумораи умумии 262 нафар донишҷӯён, 66 баҳои «аъло», 97 баҳои «хуб», 99 баҳои «қаноатбахш»- ро ташкил медиҳад. Шумораи ба имтиҳон ҳозиршудагон ва инчунин нафарони баҳои ғайриқаноатбахш гиритфа, ба қайд гирифта нашудааст.

Шумораи умумии донишҷӯёне, ки рисолаи дипломӣ, кори хатмкунӣ ва рисолаи магистрӣ навиштаанд 171 нафарро ташкил медиҳад Аз ин шумора 88 баҳои «аъло», 80 баҳои «хуб», 3 баҳои «қаноатбахш»-ро ташкил медиҳад.

Натиҷаи кори комиссияи 2-юм бо чунин пешниҳодҳо ҷамъбаст карда шуд:

1. Дар билетҳои имтиҳонӣ баъзе хатогиҳои техникӣ-грамматикӣ мушоҳида карда шуд. Ҳамзамон дар билетҳо истилоҳоти мушкил ва ба қонунгузорӣ номувофиқ истифода шуда буданд. Ҳамзамон саволҳо дар билетҳои имтиҳонӣ ба ду забон (тоҷикӣ ва русӣ) пешниҳод шуда буданд, аммо тарҷумаи баъзеи онҳо ба якдигар номувофиқ буданд ва умуман мушкилоти тарҷумаи истилоҳҳои русӣ ба забони тоҷикӣ дида мешуд. Аз ин рӯ масъулинро зарур аст, ки камбудиҳои мазкурро ислоҳ намоянд;

2. Шумораи билетҳои имтиҳонӣ аз фанҳои тахассусӣ (бо назардошти шумораи донишҷуён) зиёд буда, саволҳои алоҳида дар якчанд билети имтиҳонӣ такрор мешуданд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки шумораи билетҳои имтиҳонӣ кам карда шуда, як савол як маротиба дар билетҳо ҷой дода шавад;

3. Бояд қайд кард, ки номгӯи мавзӯҳои рисолаҳои дипломӣ хеле кӯҳна ва ҳатто рисолаҳое буданд, ки ба шароити ҶТ нолозим аст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки номгӯи мавзӯъҳои рисолаҳои дипломӣ ва муҳимияти мавзӯъҳо мавриди баррасии ҷиддӣ қарор дода шаванд;

4. Барои он ки донишҷӯ мавзӯъро пурра ва ҳаматарафа баррасӣ ва таҷрибаро омӯзад, пешниҳод мешавад, ки номгӯи мавзӯъҳои рисолаҳои дипломиро ба донишҷӯён дар моҳи сентябр тақсим ва роҳбари илмӣ муайян карда шавад. Зеро таҷрибаи қабули рисолаҳои дипломӣ ифодаи он аст, ки бештари донишҷӯён мавзӯи рисоларо 1 ё 2 моҳ ба имтиҳони давлатӣ мондан интихоб мекунанд. Ҳамзамон пешниҳод мешавад, ки аз ҷониби роҳбари илмӣ адабиётҳои ватанӣ бештар тавсия карда шавад;

5. Бо мақсади такрор нашудани мавзӯъҳои рисолаи дипломӣ, назорат аз рӯйи антиплагиат пурзур шавад. Инчунин дар тақризҳои ҳам роҳбари илмӣ ва тақризи беруна такроршавӣ ва дигар камбудиҳои ҷиддӣ ҷой дорад ва зарур аст, ки минбаъд он ислоҳ карда шавад.

Аз ибтидои соли таҳсили 2017-2018 машғулиятҳои дарсӣ дар шуъбаи рӯзонаи факултет мувофиқи ҷадвали дарсии тасдиқнамудаи Раёсати таълим аз 01.09.2017 шурӯъ гардиданд.

Дарс барои донишҷӯёни курси 5-ум мувофиқи нақшаи таълимӣ 12 ҳафта идома ёфт. Аз санаи 20 ноябри соли 2017 барои донишҷӯёни курси панҷуми шуъбаи рӯзона сессияи санҷишӣ оғоз шуда, то санаи 05.12.2017 идома кард. Дар муҳлати муқарраргардида аксарияти кулли донишҷӯёни курси панҷум санҷишҳои худро супориданд. Сессияи имтиҳонии

зимистонаи соли таҳсили 2017-2018 барои донишҷӯёни курси 5-ум аз таърихи 07.12.2017 оғоз гардида, бо назардошти 3 давр то 28.12.2017 идома меёбад.

Бо фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамасола донишҷӯёни курси панҷуми шуъбаи рӯзона аз таърихи 30.12.2017 то санаи 07.03.2018 ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ сафарбар карда мешаванд.

Дарс барои донишҷӯёни курсҳои 1-4 мувофиқи нақшаи таълимӣ 16 ҳафта идома меёбад. Донишҷӯёни курсҳои мазкур ба тариқи низоми таҳсилоти кредитӣ таҳсил менамоянд. То ҳол 13 ҳафтаи таълимӣ ба анҷом расидааст. Донишҷӯёни курсҳои 1-4 то ин муддат аз фанҳои таълимӣ як санҷиши фосилавӣ (рейтинг) супоридаанд. Дарсҳо дар курсҳои 1-4 то санаи 23-юми декабри соли 2017 идома меёбанд.

Дар маҷмӯъ бояд қайд намуд, ки ҷараёни дарс дар факултет дар давраи ҳисоботӣ муътадил идома ёфта истодааст. Ягон ҳолатҳои ҷиддии дарсшиканӣ ва муддатҳои дароз баргузор нагаштани дарсҳо ба қайд гирифта нашудаанд. Аз ҷониби тамоми устодони кафедраҳо сарбориҳои таълимӣ то ин давра иҷро шудаанд. Машғулиятҳои лексиониву амалӣ ба таври дахлдор доир шуданд.

## II. ШУЪБАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ (ҲУҚУҚ) ВА НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КРЕДИТӢ

Дар шуъбаи мазкур аз рӯи 7 – ихтисос донишҷӯён таҳсил менамоянд:

- 24010100 - муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ);
- 24010100 - муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) – магистр;
- 24010210 – ҳуқуқшиносӣ – магистр;
- 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
- 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ - магистр;
- 26010200 – идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
- 26010200 – идораи давлатӣ ва ҳуқуқ - магистр;
- 24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз;
- 93010200 - экспертизаи судӣ.
- 24010217 - ҳифзи хуқуқии моликияти зеҳнӣ.

Раванди таълим дар ихтисосҳои мазкур дар асоси низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар курсҳои 5-уми ихтисоси 24010100 - муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) ҷараёни таҳсил дар нимсолаи баҳорӣи соли таҳсили 2016-2017 бо тариқи анъанавӣ сурат гирифт. Оғоз аз соли таҳсили 2017-2018 ҷараёни таҳсил ба тариқи низоми таҳсилоти кредитӣ баргузор гардида истодааст.

Дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ аз 04.05.2017, № 135-09 «Оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияи санҷишию имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2016-2017 барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзона» садорати факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми тадбирҳои зарурииро барои дар сатҳи дахлдор доир намудани сессияи санҷишиву имтиҳонии курсҳои 1-4-уми шуъбаи рӯзона амалӣ намуд. Давраи асосии санҷишию имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2016-2017 тибқи фармоиши дар боло зикргардида барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии факултети

ҳуқуқшиносӣ аз 05.06.2017 то 25.06.2017 муқаррар шуда буд. Ба ин хотир ҷадвали санҷишу имтиҳонҳо омода карда шуда, ба Раёсати таълим барои тасдиқ супорида шуд.

Ҳамин тариқ, даври фаъоли имтиҳонҳо барои донишҷӯёни курсҳои 1-4-уми низоми таҳсилоти кредитӣ (ихтисосҳои 24010100 – Ҳуқуқи байналхалқӣ; 93010100 – Фаъолияти ҳифзи ҳукуқ; 26010200 – Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ; 24010203 – Танзими ҳуқуқии молия ва қарз; 93010200 – Экспертизаи судӣ; 24010217 – Ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ) аз санаи 05.06.2017 то 25.06.2017 идома ёфт.

1. Дар ихтисоси 24010100 – Ҳуқуқи байналхалқӣ дар маҷмӯъ дар курсҳои 1-5-ум 300 нафар таҳсил мекунанд.

| гурӯҳ / курс | тоҷикӣ | | | русӣ | | | англисӣ | | | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | |
| 1 | 44 | 8 | 36 | | | | 29 | 11 | 18 | **73** |
| 2 | 34 | 12 | 22 | | | | 20 | 4 | 16 | **54** |
| 3 | 34 | 14 | 20 | | | | 24 | 4 | 20 | **58** |
| 4 | 24 | 12 | 12 | | | | 23 | 9 | 13 | **47** |
| 5 | 32 | 12 | 20 | 19 | 16 | 3 | | | | **51** |
| 1-магистр | 8 | 6 | 2 | | | | | | | **8** |
| 2-магистр | 9 | 6 | 3 | | | | | | | **9** |
| Дар маҷмӯъ | 185 | 62 | 115 | 19 | 16 | 3 | 96 | 28 | 67 | **300** |

Баъд аз ҷамъбасти имтиҳонҳо дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 20162017 дар курсҳои 1-4-ум ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) аз 201 нафар 32 нафар қарздор монданд. Ҳангоми баргузории даври иловагии имтиҳонӣ ҳамаи донишҷӯён комёб гардиданд.

2. Дар ихтисоси **93010100 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ** дар маҷмӯъ 233 нафар таҳсил мекунад.

| гурӯҳ / курс | тоҷикӣ | | | русӣ | | | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | |
| 1 | 29 | 13 | 16 | 19 | 6 | 13 | **48** |
| 2 | 45 | 12 | 33 | 18 | 4 | 14 | **63** |
| 3 | 36 | 10 | 26 | 17 | 7 | 10 | **53** |
| 4 | 30 | 9 | 21 | | | | **30** |
| 5 | 39 | 10 | 29 | | | | **39** |
| Дар маҷмӯъ | 179 | 54 | 125 | 54 | 17 | 37 | **233** |

Баъд аз ҷамъбасти даври аввали имтиҳонҳо дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 2016-2017 дар курсҳои 1-4-уми ихтисоси мазкур аз 176

нафар 30 нафар қарздор монданд. Ҳангоми баргузории даври иловагии имтиҳонӣ ҳамаи донишҷӯён комёб гардиданд.

3. Дар ихтисоси **26010200 – Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ** дар маҷмӯъ 225 нафар донишҷӯ дар курсҳои 1-5 таҳсил менамоянд.

| гурӯҳ / курс | тоҷикӣ | | | русӣ | | | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | |
| 1 | 24 | 10 | 14 | | | | **24** |
| 2 | 42 | 7 | 35 | 15 | 3 | 12 | **57** |
| 3 | 38 | 7 | 31 | 10 | 1 | 9 | **48** |
| 4 | 33 | 7 | 26 | 11 | | 11 | **44** |
| 5 | 40 | 8 | 32 | 12 | 3 | 9 | **52** |
| Дар маҷмӯъ | 177 | 39 | 138 | 48 | 7 | 41 | **225** |

Баъд аз ҷамъбасти даври аввали имтиҳонҳо дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 2016-2017 дар курсҳои 1-4-ум аз 193 нафар 43 нафар қарздор монданд. Ҳангоми баргузории даври иловагии имтиҳонӣ ҳамаи донишҷӯён комёб гардиданд.

4. Дар ихтисоси **24010302 – Танзими ҳуқуқии молия ва қарз** дар маҷмӯъ 127 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.

| гурӯҳ / курс | тоҷикӣ | | | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | |
| 1 | 25 | 5 | 20 | **25** |
| 2 | 29 | 4 | 25 | **29** |
| 3 | 25 | 6 | 19 | **25** |
| 4 | 27 | 7 | 20 | **27** |
| 5 | 21 | 12 | 9 | **21** |
| Дар маҷмӯъ | 127 | 34 | 93 | **127** |

Баъд аз ҷамъбасти даври аввали имтиҳонҳо дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 2016-2017 дар курсҳои 1-4-ум аз 94 нафар 14 нафар қарздор монданд. Ҳангоми баргузории даври иловагии имтиҳонӣ ҳамаи донишҷӯён комёб гардиданд.

5. Дар **ихтисоси 93010200 – Экспертизаи судӣ** дар маҷмӯъ 115 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.

| гурӯҳ / курс | тоҷикӣ | | | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | |
| 1 | 24 | 5 | 19 | **24** |
| 2 | 24 | 4 | 20 | **24** |
| 3 | 22 | 4 | 18 | **22** |
| 4 | 24 | 5 | 19 | **24** |
| 5 | 21 | 8 | 13 | **21** |
| Дар маҷмуъ | 115 | 26 | 89 | **115** |

Баъд аз ҷамъбасти даври аввали имтиҳонҳо дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 2016-2017 дар курсҳои 1-4-ум аз 93 нафар 17 нафар қарздор монданд. Ҳангоми баргузории даври иловагии имтиҳонӣ ҳамаи донишҷӯён комёб гардиданд.

6. Дар ихтисоси **24010217 – Ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ** дар маҷмӯъ 54 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.

| гурӯҳ<br>курс | тоҷикӣ | | | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | |
| 1 | 24 | 5 | 19 | **24** |
| 2 | 16 | 5 | 11 | **16** |
| 3 | 17 | 5 | 12 | **17** |
| 4 | 13 | 3 | 10 | **13** |
| Дар маҷмӯъ | 70 | 18 | 52 | **70** |

Баъд аз ҷамъбасти даври аввали имтиҳонҳо дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 2016-2017 дар курси 1-3 юм аз 54 нафар 9 нафар қарздор монданд. Ҳангоми баргузории даври иловагии имтиҳонӣ ҳамаи донишҷӯён комёб гардиданд.

**7. Магистратура.**

Инчунин дар ихтисосҳои мазкур курсҳои якуми дараҷаи магистратура ба муҳлати ду сол дар шакли рӯзона таҳсил менамоянд.

| гурӯҳ<br>курс | тоҷикӣ | | | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | буҷ. | шартн. | |
| 24010200 | 13 | 6 | 7 | **13** |
| 24010100 | 11 | 7 | 4 | **11** |
| 93010110 | 8 | 7 | 1 | **8** |
| 26010200 | 5 | 5 | 0 | **5** |
| Дар маҷмӯъ | 34 | 25 | 12 | **34** |

Баъд аз ҷамъбасти даври аввали имтиҳонҳо дар нимсолаи баҳории соли таҳсили 2016-2017 дар низоми таҳсилоти кредитӣ аз 846 нафар 145 нафар қарздор монданд. Ҳангоми баргузории даври иловагии имтиҳонӣ ҳамаи донишҷӯён комёб гардиданд.

**Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ** дар курси 2-юми ихтисоси **24010100**- ҳуқуқи байналхалқӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ таҳти №276-04 ва №277-04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017. то 09.07.2017) ва курси 3-юми ихтисоси **24010100**- ҳуқуқи байналхалқӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ таҳти №269-04 ва №280-04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017. то 23.07.2017), курси 4-уми ихтисоси **24010100**- ҳуқуқи байналхалқӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ таҳти №281-04 ва №282-04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017. то 23.07.2017), курси 2-юми ихтисоси **93010100 -** фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ тибқи фармоиши ректори ДМТ №279-04 ва №278-04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 3- юми ихтисоси **93010100 -** фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ тибқи фармоиши ректори ДМТ №283 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 4- уми ихтисоси **93010100 -** фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ тибқи фармоиши ректори ДМТ №284 -04 аз

06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 2- юми ихтисоси **26010200** - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ тибқи фармоиши ректори ДМТ №275-04 ва №274 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 09.07.2017), курси 3- юми ихтисоси **26010200** - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ тибқи фармоиши ректори ДМТ №267 -04 ва №265 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 4-уми ихтисоси **26010200** - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ тибқи фармоиши ректори ДМТ №266 -04 ва №270 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 2-юми ихтисоси **24010302** – танзими ҳуқуқии молия ва қарз тибқи фармоиши ректори ДМТ №272 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 09.07.2017), курси 3-юми ихтисоси **24010302** – танзими ҳуқуқии молия ва қарз тибқи фармоиши ректори ДМТ №263 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 4-уми ихтисоси **24010302** – танзими ҳуқуқи молия ва қарз тибқи фармоиши ректори ДМТ №264 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 2-юми ихтисоси **93010200** – экспертизаи судӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ №273 -04 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 3-юми ихтисоси **93010200** – эспертизаи судӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ №271 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 4-уми ихтисоси **93010200** – эспертизаи судӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ №262 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 2-юми ихтисоси **24010217** – ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ №268 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), курси 3-юми ихтисоси **24010217** – ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ тибқи фармоиши ректори ДМТ №285 -04 аз 06.06.2017 (аз 25.06.2017 то 23.07.2017), баргузор гардид, ки натиҷаи он дар варақаи санҷишӣ ва ҳисобот ба Раёсати донишгоҳ пешниҳод гардид.

**Имтиҳони давлатӣ:** Имтиҳони давлатӣ дар шуъбаи рӯзона ихтисоси 24010100 - муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ); 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ; 26010200 - идораи давлат ва ҳуқуқ ва **24010302 -** танзими ҳуқуқии молия ва қарз дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти № 114-09 аз 09-уми апрели соли 2017 «Оид ба тасдиқи ҳайат ва ҷадвали комиссияи аттестатсионии давлатӣ доир ба ихтисосҳо, дифои корҳои хатмкунӣ, рисолаҳои дипломӣ ва магистрӣ барои хатми соли таҳсили 2016-2017» аз таърихи 03.05.2017 оғоз гардида, бо назардошти се имтиҳон дар ду комиссия то рӯзи 30.06.2017 идома ёфт.

Мувофиқи рӯйхатҳои донишҷӯёне, ки ба имтиҳони давлатӣ ворид мешаванд, донишҷӯёни ихтисоси 24010100-МБҲ дар КАД №2 аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ рӯзҳои 11 ва 12 май, аз фанни забони хориҷӣ – рӯзҳои 5-6-уми май ва аз фанни ҳуқуқи байналхалқӣ ва ҳимояи рисолаи дипломӣ – рӯзҳои 22-23-юми июни соли 2017 имтиҳон супориданд.

**Натиҷаи имтиҳонсупорӣ аз рӯи фанҳои зикргардида чунин аст:**

1. **Ихтисоси 24010100 - Муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ)**

**фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»**

Баҳои «аъло» - 5
Баҳои «хуб» - 11
Баҳои «қаноатбахш» - 20
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 2
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 39 нафар (2 нафар такрорӣ)**

**Аз фанни «Забони хориҷӣ»:**

Баҳои «аъло» - 7
Баҳои «хуб» - 16
Баҳои «қаноатбахш» - 15
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 1
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 39 нафар**

**Аз фанни «Ҳуқуқи байналхалқӣ» ва ҳимояи рисолаи дипломӣ:**
36 нафар **рисолаи дипломӣ навистанд.**

Донишҷӯёни курси 5-уми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, дар КАД №2 имтиҳони давлатиро аз се фан супориданд:

1. аз «фанни умумӣ» (Назарияи давлат ва ҳуқуқ);
2. аз фанни «Ихтисос» (Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ);
3. Ҳимояи рисолаи дипломӣ.

Дар асоси рӯйхатҳои донишҷӯёне, ки ба имтиҳон ворид мешаванд донишҷӯёни ихтисоси ФҲҲ аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ – рӯзҳои 22-23 май, аз фанни ихтисос – рӯзҳои 9-10-уми июн ва ҳимояи рисолаи дипломӣ –24-уми июни соли 2017 супориданд.

Натиҷаи имтиҳонсупорӣ аз рӯи фанҳои зикргардида чунин шуд:

**1. Ихтисоси 93010100 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**
**фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»**

Баҳои «аъло» -
Баҳои «хуб» - 4
Баҳои «қаноатбахш» -13
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 2
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 18 нафар**

**Аз фанни «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ»:**

Баҳои «аъло» - 1
Баҳои «хуб» - 4
Баҳои «қаноатбахш» - 17
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 22 нафар ( 4 нафар такрорӣ)**

**Ҳимояи рисолаи дипломӣ**

Баҳои «аъло» - 5
Баҳои «хуб» - 8
Баҳои «қаноатбахш» - 9
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 18 нафар**

Донишҷӯёни курси 5-уми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ ихтисоси 26010200 - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ дар КАД №2 имтиҳони давлатиро аз се фан супориданд:

1. аз «фанни умумӣ» (Назарияи давлат ва ҳуқуқ);
2. аз фанни «Ихтисос» (ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ);
3. Ҳимояи рисолаи дипломӣ.

Дар асоси рӯйхатҳои донишҷӯёне, ки ба имтиҳон ворид мешаванд донишҷӯёни ихтисоси ИДҲ аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ – рӯзҳои 18-19-20, аз фанни ихтисос – рӯзҳои 07,06,08 ва ҳимояи рисолаи дипломӣ – рӯзҳои 28-29.06.2017 супориданд.

Натиҷаи имтиҳонсупорӣ аз рӯи фанҳои зикргардида чунин шуд:

**I. Аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»**

Баҳои «аъло» - 4
Баҳои «хуб» - 11
Баҳои «қаноатбахш» - 22
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 1
Шумораи ҳозир нашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 38 нафар**

**Аз фанни «Ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ»:**

Баҳои «аъло» - 2
Баҳои «хуб» - 7
Баҳои «қаноатбахш» - 29
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 38 нафар**

**Ҳимояи рисолаи дипломӣ:**

Баҳои «аъло» - 8
Баҳои «хуб» - 11
Баҳои «қаноатбахш» - 19
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 38 нафар**

Донишҷӯёни курси 5-уми шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносӣ ихтисоси **24010302**-танзими ҳуқуқии молия ва қарз, дар КАД №2 имтиҳони давлатиро аз се фан супориданд:

1. аз «фанни умумӣ» (Назарияи давлат ва ҳуқуқ);
2. аз фанни «Ихтисос» (Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат);
3. Ҳимояи рисолаи дипломӣ.

Дар асоси рӯйхатҳои донишҷӯёне, ки ба имтиҳон ворид мешаванд донишҷӯёни ихтисоси ТҲМК аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ – рӯзи 24.05, аз фанни ихтисос – рӯзи 09.06. ва ҳимояи рисолаи дипломӣ – рӯзи 28.06.2017 супориданд.

Натиҷаи имтиҳонсупорӣ аз рӯи фанҳои зикргардида чунин шуд:

**I. Аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»**

Баҳои «аъло» - 4
Баҳои «хуб» - 11
Баҳои «қаноатбахш» -22
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 1
Шумораи ҳозир нашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 22 нафар**

**Аз фанни «Ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ»:**

Баҳои «аъло» - 2
Баҳои «хуб» - 7
Баҳои «қаноатбахш» - 29
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

Донишҷӯёни курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ бахши магистратура аз ихтисоси 24010110 – муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) ва магистратура ихтисоси 24010210 ҳуқуқшинос-умумӣ дар КАД №1 имтиҳони давлатиро аз ду фан супориданд:

1. аз фанни «Ихтисос» (Ҳуқуқи байналмилалӣ);
2. Ҳимояи рисолаи магистрӣ

- Аз фанни «Ҳуқуқи байналмилалӣ»:

**Ҳамагӣ: 9 нафар**

Баҳои «аъло» -8
Баҳои «хуб» -1
Баҳои «қаноатбахш» - 0
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон -0

**Ҳамагӣ: 9 нафар**

**Ихтисоси 24010210 ҳуқуқшиносӣ**

**- Аз фанни «Ихтиссос»**

Баҳои «аъло» - 1
Баҳои «хуб» - 9
Баҳои «қаноатбахш» - 0
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон – 0

**Ҳамагӣ: 10 нафар**

**Рисолаи магистрӣ**

**(Магистр - Ҳуқуқшиноси байналмилалӣ-24010100)**

**- Аз фанни «Ҳуқуқи байналмилалӣ»:**

**Ҳамагӣ: 8 нафар**

Баҳои «аъло» - 5
Баҳои «хуб» – 3
Баҳои «қаноатбахш» - 0
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон - 0

**Ихтисоси 24010200 ҳуқуқшиносӣ) Ҳамагӣ: 1 нафар**

Баҳои «аъло» - 1
Баҳои «хуб» - 0
Баҳои «қаноатбахш» - 0
Баҳои «ғайриқаноатбахш» - 0
Шумораи ҳозирнашудагон - 0

## III. ШУЪБАИ ҒОИБОНАИ МАЪЛУМОТИ ДУЮМИ ОЛӢ (ИХТИСОСИ -24010233) ВА ҒОИБОНАИ УМУМӢ

Дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносӣ, (ихтисоси 24010233 – ҳуқуқшиносӣ) ҳамагӣ 695 - нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.

Дар курси 1 – **233** нафар;

Дар курси 2 – **273** нафар;

Дар курси 3 – **189** нафар;

Дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносӣ ихтисосҳои 24010233-ҳуқуқшиносӣ, ҳамагӣ 695 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд. Дар шуъба пайваста баҳри ба низом даровардани ҷараёни таълим тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Рафти давомот ва интизоми донишҷӯён пайваста зери назорат қарор гирифта ва натиҷааш дар садорат муҳокима мегардад. Рафти имтиҳонҳо ба шуъбаи ғоибона хуб ба роҳ монда шудааст. Дар давоми соли таҳсили 2017 аз шуъбаи ғоибона **28 нафар** донишҷӯ барои қарзи академӣ, қарзи молиявӣ ва давомоти нокифоя аз сафи донишҷӯён хориҷ карда шуданд.

Дар курси 3-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сессияи асосии имтиҳонҳои тирамоҳӣ аз 26.09.2017 то 11.10.2017 баргузор гардид.

Дар курси 2-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ сессияи тирамоҳӣ даври асосӣ аз 02.10.2017 то 22.10.2017 ва даври иловагӣ аз 23.10.2017 то 01.11.2017 баргузор гардид.

Нимсолаи тирамоҳӣ дар курси 1-ум аз 30.10.2017 то 19.11.2017 даври асосӣ ва аз 20.11.2017 то 29.11.2017 даври иловагӣ баргузор гардид.

Теъдоди донишҷуёни шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқукшиносӣ, ки аз моҳи январи соли 2017 то ин ҷониб аз донишгоҳ хориҷ шудаанд.

| р/т | Курс | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | | | | аз инҳо | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Карзи академӣ | Давом нокифоя | Вайрон кардани тартибот | Интиқол | Ба итмом расидати муҳлати рухс.акад | буҷавӣ | шарт |
| 1 | Курси 1 | 15 | 6 | 4 | - | - | - | - | 5 |
| 2 | Курси 2 | 13 | 8 | 1 | - | - | - | - | 4 |
| 3 | Курси 3 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| | **Ҳамагӣ** | **28** | **14** | **5** | **-** | **-** | **-** | **-** | **9** |

**Натиҷаи қарори комиссияи донишгоҳӣ оид ба гузаронидан ва барқароркунӣ дар нимсолаи баҳорӣ ва тирамоҳии соли 2017**

Оид ба натиҷаи қарори комиссияи донишгоҳӣ аризаи донишҷуён хело барзиёд ворид гардидааст. Дар натиҷаи бартараф намудани пардохти маблағи донишгоҳ, садорати факултет фармоиши донишҷуёни мазкурро омода менамояд. То ҳол 7 фармоиш ба табъ расида, рақамгузорӣ карда шудааст.

**4** нафар донишҷӯ дар асоси **фармоиши ректори донишгоҳ** барқарор шудаанд.

3-нафар донишҷӯ дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ аз дигар муассисаҳо ва дигар факултетҳои дохилии ДМТ ба шуъбаи мазкур интиқол ёфтаанд.

Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ барои донишҷӯёни курсҳои 3-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олие, ки хатм намудаанд, мувофиқи нақшаи амалкунандаи таълимӣ 4 - ҳафта пешбинӣ шуда буд, 2-ҳафта дар шуъбаи корҳои дохилӣ ва 2-ҳафта дар мақомоти судӣ. Мувофиқи фамоиши Ректори донишгоҳ донишҷӯён ба мақомотҳои дар боло зикршуда сафарбар карда шуда буданд.

Қабули таҷрибамомӯзии пешаздипломии хатмкардагони курси 3-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ аз ҷониби устодони кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ, кафедраи ҳуқуки судӣ ва назорати прокурорӣ ва кафедраи криминалистика бо муваффақият анҷом дода шуд.

**Натиҷаи КАД дар соли таҳсили 2016-2017**

Дар шуъбаи ғоибона натиҷаи КАД дар соли 2017 зери Роҳбарии Маҷидзода Ҷурахон Зоир -Раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муваффақият ҷамъбаст гардид. Аз шумораи умумии 152 нафар донишҷуён 5 нафар баҳои «аъло», 10 нафар баҳои «хуб», 130 нафар баҳои хуб, аъло ва қаноатбахш гирифтаанд. 1 нафар донишҷӯ ба имтиҳонҳои давлатӣ ҳозир нашуд ва 3 нафари дигар дар имтиҳони тахассус ҳозир нашуданд. 7 нафар донишҷӯён аз имтиҳони давлатӣ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд.

**<u>IV. Таълим дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти якум.</u>**

Курс **1** - шумораи умумӣ **69** нафар донишчу гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200- 25 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлат ва ҳуқуқ-25 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳукук- 19 нафар)

Курс **2** - шумораи умумӣ **86** нафар донишчу гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200- 40 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлат ва ҳуқуқ-27 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳукуқ-18 нафар)

Курс **3**- шумораи умумӣ **107** нафар донишчуй гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200-65 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлат ва ҳуқуқ-29 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳукуқ-13 нафар)

Курс **4**- шумораи умумӣ **125** нафар донишҷӯ гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200-76 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлат ва ҳуқуқ-44 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳукуқ-16 нафар

Курси **5**- шумораи умумӣ **129** нафар донишҷӯ гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200-105 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлат ва ҳуқуқ-13 нафар, ихтисоси 24010302-танзими ҳуқуқи молия ва қарз-3 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳукуқ-8 нафар

**Шумораи умумии донишҷӯён 516– нафар**

Дар шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносӣ ихтисосҳои 24010200-ҳуқуқшиносӣ, 26010200-идораи давлатӣ ва ҳуқук, 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, 24030201-танзими ҳуқуқи молия ва қарз ҳамагӣ 516 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд. Дар шуъба пайваста баҳри ба низом даровардани ҷараёни таълим тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Рафти давомот ва интизоми донишҷӯён пайваста зери назорат қарор гирифта ва натиҷааш дар садорат муҳокима мегардад. Донишҷӯёне, ки дарсҳо иштирок надоштанд муҷозоти интизоми «Танбеҳ» дода шуда, пас аз баёнот ва маълумотномаи тиббӣ ба супоридани рейтинг ва имтиҳонҳо иҷозат дода шудаанд. Рафти имтиҳонҳо ба шуъбаи ғоибона хуб ба роҳ монда шудааст. Дар давоми соли таҳсили 2017 аз шӯъбаи ғоибона **22 нафар** донишҷӯ барои қарзи академӣ, қарзи молиявӣ ва давомоти нокифоя аз сафи донишҷӯён хориҷ карда шуданд.

Дар курси 5-уми шӯъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сессияи асосии имтиҳонҳои тирамоҳӣ дар курси 5-ум аз 04.09.2017 то 25.09.2017 ва сессияи имтиҳонии иловагӣ бошад аз 25. 09. 2017 то 07. 10. 2017 баргузор гардид.

Дар курси 4-уми шуъбаи ғоибона сессияи тирамоҳӣ аз 02.10.2017 то 22.10.2017 сессияи асосӣ ва аз 23.10.2017 то 01.11.2017 баргузор гардид.

Сессияи тирамоҳии курси 3-юм аз 30.10.2017 то 19.11.2017 даври асосӣ ва аз 20.11.2017 то 29.11.2017 даври иловагӣ баргузор гардид.

Дар курси 2-юм сессияи тирамоҳӣ даври асосиаш аз 27.11.2017 то 17.12.2017 ва даври иловагии он бошад аз 01.12.2017 то 27.12.2017 давом дорад.

Сессияи тирамоҳии курси 1-ум бошад аз 25.12.2017 то 14.01.2018 даври асосӣ ва даври иловагиаш аз 10.12.2017 то 25.01.2018 баргузор мегардад.

**Натиҷаи ҷамъбастии сессияи тирамоҳӣ дар шуъбаи ғоибона чунин аст:**

Дар курси 5-уми ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ, идораи давлат ва ҳуқук, ва фаъолияти ҳифзи ҳуқук ва танзими ҳуқуқи молия ва қарз 129 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд. Сессияи санҷишу имтиҳонҳои семестри тирамоҳиро то ҳол 22 нафар пурра ҷамъбаст кардаанд ва 107 нафар қарздоранд.

Дар курси 4-уми ихтисосҳои умумӣ, идораи давлат ва ҳуқук ва фаъолияти ҳифзи ҳуқук 125 нафар донишҷу таҳсил мекунанд. Сессияи санҷишу имтиҳонҳои семестри тирамоҳиро то ҳол 42 нафар пурра ҷамъбаст кардаанд ва 83 нафар қарздоранд.

Дар курси 3-юми ихтисосҳои умумӣ, идораи давлат ва ҳуқук ва фаъолияти ҳифзи ҳуқук 98 нафар донишҷу таҳсил мекунанд. Сессияи санҷишу имтиҳонҳои семестри тирамоҳӣ давом дорад.

Теъдоди донишҷуёни шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносӣ, ки аз моҳи январи соли 2017 то ин ҷониб аз донишгоҳ хориҷ шудаанд.

| р/т | Курс | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | | | | аз инҳо | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Карзи академӣ | Давом нокифоя | Вайрон кардани тартибот | Интиқол | Ба итмом расидати муҳлати рухс.акад | буҷавӣ | шарт |
| 1 | Курси 1 | 3 | 3 | - | - | - | - | - | 3 |
| 2 | Курси 2 | 4 | 3 | 1 | - | - | - | - | 4 |
| 3 | Курси 3 | 6 | 3 | 2 | - | 1 | - | - | 6 |
| 4 | Курси 4 | 1 | - | 1 | - | - | - | - | 1 |
| 5 | Курси 5 | 8 | 4 | 3 | - | - | 1 | - | 8 |
| | **Ҳамагӣ** | **22** | **13** | **7** | **-** | **1** | **1** | **-** | **22** |

**Натиҷаи қарори комиссияи донишгоҳӣ оид ба гузаронидан ва барқароркунӣ дар семестри баҳории соли 2017**

Оид ба натиҷаи қарори комиссияи донишгоҳӣ аризаи донишҷуён хело зиёд ворид гардидааст.

Дар натиҷаи бартараф намудани пардохти маблағи донишгоҳ ва баъди қайди шуъбаи дуюм садорати факултет фармоиши донишҷуёни мазкурро омода менамояд. То ҳол 97 фармоиш ба табъ расида, рақамгузорӣ карда шудааст.

Бо фармоиши ректор **13** нафар донишҷӯ барқарор шудаанд.

Дар асоси фармоиши ректор аз дигар муассисаҳо ва дигар факултетҳои дохилии ДМТ **34-нафар** донишҷӯ интиқол ёфтаанд.

Бо фармоиши ректор аз шуъбаи рӯзона ба шуъбаи ғоибона **30 нафар** донишҷӯ интиқол шудааст.

Дар асоси фармоиши ректор аз шуъбаи ғоибона ба шуъбаи рӯзона **20 нафар** донишҷӯ интиқол ёфтаанд.

5 нафар донишҷуёне, ки то ҳол маблағи шартномаашонро пардохт накардаанд фармонгузорӣ карда нашудааст.

**Натиҷаи қарори комиссияи донишгоҳӣ оид ба гузаронидан ва барқароркунӣ дар семестри тирамоҳии соли 2017**

Оид ба натиҷаи қарори комиссияи донишгоҳӣ аризаи донишҷуён хело барзиёд ворид гардидааст.

Дар натиҷаи бартараф намудани пардохти маблағи донишгоҳ ва баъди қайди шуъбаи дуюм садорати факултет фармоиши донишҷуёни мазкурро омода менамояд. То ҳол **63** фармоиш ба табъ расида рақамгузорӣ карда шудааст.

Бо фармоиши ректор 6 нафар донишҷӯ барқарор шудаанд.

Дар асоси фармоиши ректор аз дигар муассисаҳо ва дигар факултетҳои дохилии ДМТ **18-нафар** донишҷӯ интиқол ёфтаанд.

Бо фармоиши ректор аз шуъбаи рӯзона ба шуъбаи ғоибона **13 нафар** донишҷӯ интиқол шудааст.

Дар асоси фармоиши ректор аз шуъбаи ғоибона ба шуъбаи рӯзона **26 нафар** донишҷӯ интиқол ёфтаанд.

4 нафар донишҷӯёне, ки то ҳол маблағи шартномаашонро пардохт накардаанд фармонгузорӣ карда нашудааст.

## Натиҷаи таҷрибаомӯзии соли 2017

Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ барои донишҷӯёни курсҳои 5-уми шуъбаи ғоибонае, ки хатм намудаанд, мувофиқи нақшаи амалкунандаи таълимӣ 4 - ҳафта пешбинӣ шуда буд, 2-ҳафта дар шуъбаи корҳои дохилӣ ва 2-ҳафта дар мақомоти судӣ. Мувофиқи фамоиши Ректори донишгоҳ донишҷӯён ба мақомотҳои дар боло зикршуда сафарбар карда шуда буданд.

Қабули таҷрибамомӯзии пешаздипломии хатмкардагони курси 5-уми шуъбаи ғоибона аз ҷониби устодони кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ, кафедраи ҳуқуки судӣ ва назорати прокурорӣ ва кафедраи криминалистика дар факултет бо муваффақият анҷом гардид.

## Дар бораи тақсим намудани соатҳои таълимии шуъбаи ғоибона дар соли хониши 2017-2018

Садорати шӯъбаи ғоибона қарори садорати факултет ва пешниҳод оиди фанҳои интихобии блоки 2,3,4 ва фанҳои тахассусӣ барои соли хониши 2017-2018 ба имзо расида ба кафедраҳо пешниҳод карда шудааст.

## Натиҷаи КАД дар соли таҳсили 2016-2017

Дар шуъбаи ғоибона натиҷаи КАД дар соли 2017 зери Роҳбарии Маҷидзода Ҷурахон Зоир -Раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа, ва амнияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муваффақият ҷамъбаст гардид. Аз шумораи умумии 116 нафар донишҷуён 5 нафар баҳои «аъло», 4 нафар баҳои «хуб», 24 нафар баҳои «қаноатбахш» ва 56 нафар баҳои хуб, аъло ва қаноатбахш гирифтаанд. 1 нафар донишҷӯ ба имтиҳони давлатӣ ҳозир нашуд. 7 нафар донишҷӯён аз имтиҳони давлатӣ баҳои ғайриқаноатбахт гирифтанд.

## ШӮРОИ ОЛИМОН

Дар давраи ҳисоботӣ Шӯрои олимони факултет 16-маротиба ҷаласа доир намуд, ки дар он муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти таълимии факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ин миён 13 ҷаласаи навбатӣ ва 3 ҷаласаи ғайринавбатӣ баргузор гардид.

**ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ**

Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Нақшаи кории Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2017-2018 (Аз ҷониби ректори ДМТДар ҷаласаи Шӯро аз 14.10.2017с., №1 аз ҷониби ректори ДМТ, академики АИ ҶТ тасдиқ шудааст) ба роҳ мондааст. Ҳайати Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли таҳсили 2017-2018 13 нафарро ташкил медод.

Муҳимтарин масъалаҳои пешбурди сифати таълим дар маҷлисҳои Шӯрои илмию методӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, оид ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд, ки иҷроиши онҳо барои тамоми кафедраҳои тахассусӣ ва субъектони раванди таълим ҳатмӣ мебошад. Санҷиши матни лексияҳо, саволномаҳои фаннӣ, саволномаҳои тестӣ, слайдҳо, нақшаҳо ва дастрас намудани нусхаи электронӣ ва ё чопии он ба донишҷӯён, тасдиқи барномаҳои корӣ ва силлабусҳои устодони факултет, азназаргузаронӣ ва баррасии тестҳое, ки барои қабули имтиҳонҳо пешниҳод мегарданд, чораандешӣ ҷиҳати боло бурдани нақши кафедраҳои амалкунандаи факултет дар самти истифодаи усулҳои нави фаъол ва инноватсионӣ дар раванди таълим, боло бурдани сатҳу сифати донишандӯзии донишҷӯён, натиҷагирӣ аз истифодаи самараноки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар раванди таълим, санҷиши ташкил ва гузаронидани дарсҳои кушод аз ҷониби кафедраҳои факултет, воридшавии ба дарсҳои устодон ҷиҳати муайян намудани малакаи касбии онҳо аз қабили масъалаҳои муҳимтарини Шӯрои илмию методии факултет ба ҳисоб рафта, аъзоёни он баҳри боло бурдани сатҳу сифати таълим чораҳои дахлдорро андешидаанд. Дар маҷмӯъ муфовиқи нақшаи кории мазкур дар соли таҳсили 2017-2018 4 маҷлис гузаронида шуда, 15 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуда, бо суратҷаласаҳо ба тартиб дароварда шудаанд.

Шӯрои илмию методии факултет, ки фаъолияти худро дар самти таъмини раванди таълим бо тавсияҳои судманди методӣ, барномаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ, силлабусҳо, билетҳои имтиҳонӣ, саволномаҳои тестӣ, саволномаҳои санҷишӣ ҷоннок гардонида, матни лексияҳоро бознигарӣ ва таҷдиди назар намуда, дар маҷмӯъ баҳри боло рафтани мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ чораҳои мушаххас андешидааст. Дар соли таҳсили 2017-2018 6 барномаи таълимӣ, 135 барномаҳои кории устодон, 128 силлабусҳо, 63 саволномаҳои тестиро таҷдиди назар намуда, ба чоп тавсия шуд. Дар баробари ин 4 воситаи таълимӣ ва 3 китоби дарсӣ таҳлил шуда, ба Шӯрои илмию методии донишгоҳ тавсия карда шуданд. Тамоми матни лексияҳои устодон бознигарӣ ва ба донишҷӯён матни электронии онҳо дастрас гардиданд.

Мунтазам ташкил намудани ҷараёни иштироки мудирони кафедраҳо ва устодони собиқадор дар машғулиятҳои лексионӣ ва амалии омӯзгорони ҷавон, аз ҷумла ташкил намудани воридшавӣ ба дарсҳо дар байни кафедраҳои ҳамҷавор ё ин ки ба дарси ҳамдигар ворид шудани

устодон яке аз чораҳое мебошад, ки барои боло бурдани сатҳу сифати таълим мусоидат менамояд. Дар раванди боло бурдани сифати таълим ва сатҳи донишандӯзии донишҷӯён истифода намудани усулҳои нави таълим мувофиқи мақсад мебошад. Ин усулҳо барои омода намудани ҳуқуқшиносон дар иртибот ба талабот ва дархости ҷомеаи имрӯза кӯмак менамоянд. Мақсад аз истифодаи навгониҳо ин модернизатсияи раванди таълим ҷиҳати омода намудани ҳуқуқшиносони дорои донишҳои сатҳи баланди назариявӣ ва илмӣ, рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, муоширати баланди касбӣ ,маҳсуб мeёбад. Усулҳои нави таълим бо назардошти ҷараён ва тамоюли рушди раванди таълим, аз қабили пайваста таҷдиди назар намудани маводҳои таълимӣ, мазмун ва мундариҷаи фанҳои тадрисшаванда, ворид намудани фанҳои нави таълимӣ, тавъам намудани таълим ва тарбия, алоқаи ногусастании таълим ва шахсият, дар як замон ба роҳ мондани таълим ва ташаккули шахсият, ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои ахлоқӣ, ҳуқуқ ва ахлоқ ҳамчун танзимкунандагони рафтори одамон дар асоси мустаҳкамкунии ҳуқуқии принсипҳо ва талаботҳои ахлоқӣ, мустақилона арзи ҳастӣ намудани онҳо дар намуди кодексҳо қоидаҳо, принсипҳои рафтори ахлоқӣ, ворид карда мешавад. Дар ин самт аъзоёни Шӯрои илмию методӣ ба 72 дарсҳои кушод воридшуда, натиҷаҳои онро дар маҷлиси кафедраҳо ва маҷлиси Шӯро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҳамзамон ба дарсҳои 42 ассистентон, 8 маллими калон, 22 дотсентон аъзоёни Шӯро ворид гардида, таҳлилҳои ҷиддӣ гузаронида ба онҳо тавсияҳои судманди методӣ додаанд.

Дар оянда Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносӣ баҳри боз ҳам боло бурдани сатҳу сифати таълим чораҳои зеринро андешад:

- ба роҳ мондани низоми роҳнамоӣ ва додани машварат аз ҷониби профессорон ва олимони барҷастаи факултет ба омӯзгорони ҷавон дар самти ба нақшагирии машғулиятҳои дарсӣ, истифодаи усулҳои таълим, интихоб ва татбиқи технологияҳои муосир;

- даъват намудани олимони маъруфи донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмӣ, кормандони амалия барои гузаронидани машғулияти лексионӣ ва амалӣ марбут ба масъалаҳои мубрами тахассусҳо, инчунин марбут ба масъалаҳои истифодаи усулҳои таълиму тадрис, равоншиносӣ, фарҳанг ва санъати сухан, ахлоқи касбӣ ва ғайра;

- пайваста такмил додани усулҳои замонавии омӯзиши раванди таълим;

- дар раванди таълим ворид намудани усулҳои интерактивии омӯзиш: тренингҳо, бозиҳо, усули Суқрот, формулаи МАМН (мавқеъ, асосноккунӣ, мисоловарӣ, натиҷа), ҳуҷуми ақлӣ, манбаи қарорҳо, кор бо гурӯҳҳои хурд, ҳалли масъала, пурсиши муттақобила ва ғ.

- истифодаи самараноки усулҳои маъмул ва интерактивии таълим;

- модернизатсияи низоми омода намудани ҳуқуқшиносҳои касбӣ бо роҳи мақсаднок баргузор намудани машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ, истифодаи шаклу усулҳои иловагӣ ва инфиродии боло бурдани сатҳу сифати таълим (дарсҳои факултативӣ, маҳфилҳои донишҷӯён ва ғ.);

- таъсиси низоми кор бо донишҷӯёни соҳибистеъдод тавассути ташкил намудани чорабиниҳо, озмунҳо, гурӯҳҳои омӯзиши фарохтари барномаҳои таълимӣ ва ҳавасманд намудани донишҷӯёни соҳибистеъдод барои кор аз рӯи тахассус пас аз хатми донишгоҳ, ҷалб намудани онҳо дар корҳои илмӣ;

- вусъат бахшидан ба низоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ, васеъ намудани амалияи истифодаи забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён, махсусан дар самти татбиқи меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;

- бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҳайати устодону кормандон дар самти усули истифодаи технологияи муосир ва воситаҳои муосири иттилоотӣ-иртиботии раванди таълим;

- ташкил намудани семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конфаронсҳо марбут ба истифодаи усулҳои муосири таълим;

- ба роҳ мондани мониторинги доимии сифати таълим тавассути низоми ягонаи рейтинги давомот, ташкил намудани амалияи гузаронидани имтиҳонҳои мустақил, назорати сифати таълим тавассути гузаронидани пурсишномаҳо (анкета):

- ворид намудани воситаҳои иттилоотӣ-иртиботии таълим, ҷадвали дарсҳои электронӣ, низоми китобхонаи электронӣ, дар шабакаи Интернет ҷойгир намудани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ, нашрияҳои электронӣ ва ғ.

## Б)ҲИСОБОТИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР СОЛИ 2017

Соли 2017 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад. Устодони факултет дар соли ҳисоботӣ бахри иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд. Ҳамаи ин натиҷаҳои назаррас барои баланд бардоштани сифати таълим, такмили қонунгузории амалкунанда ва рушди босуботи Тоҷикистони азиз истифода хоҳанд шуд.

Равандҳои илмии фаъолияти илмӣ-тадқиқотии факултети ҳуқуқшиносӣ гуногунҷабҳа буда, он ба масъалаҳои гуногуни назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, масоили гуногуни соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрук, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи нақлиёт ва ғайраҳо бахшида шудааст.

Соли 2017 ба чорабиниҳои муҳими сиёсии кишвар, аз қабили таҷлили рӯзи Артиши миллӣ, 20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ, Соли ҷавонон, 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 23-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад. Ба ин муносибат мутобиқи нақшаи Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар факултети ҳуқуқшиносӣ як қатор

чорабиниҳои муҳим баргузор гардид. Дар асоси нақшаи конференсияҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва чорабиниҳои дар боло зикргардида, дар факултети ҳуқуқшиносӣ якчанд конференсияҳо ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд. Чунончи:

1. Дар заминаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 9-уми декабри соли 2016 бахшида ба рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид;

2. Дар заминаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Мавқеи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар густариши ҳуқуқу озодиҳои инсон» бахшида ба 10 - умин солгарди таъсиси кафедра ва 68-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳукуқи башар санаи 10-уми декабри соли 2016 доир гардид;

3. Мизи мудаввари донишгоҳӣ дар мавзӯи «Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар замони муосир» ДМТ, дар пояи кафедраи забонҳои хориҷӣ феврали 2017 доир гардид;

4. Мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Нақши ҷавонон дар рушди ҳаёти ҳуқуқии кишвар" бахшида ба "Соли ҷавонон" санаи 19-уми майи соли 2017 баргузор гардид;

5. Санаи 26-уми майи соли 2017 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи навқлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои такмили қонунгузории обии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар партави қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028 баргузор гардид;

6. Мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Такмили техникаи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаи назария ва амалия» дар заминаи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ 30-юми июни соли 2017 баргузор гардид;

7. Бахшида ба «20-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ» рӯзҳои 15-ум ва 16-уми июни соли 2017 конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» баргузор гардид, ки дар 4 бахш ҳудуди 60 нафар иштироккунандагон маърӯза намуданд ва маводҳои он дар ҳаҷми 205 саҳифа ба нашр расид.

8. Мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Истиқлолият заминаи эҳёи қонунгузории миллӣ» санаи 5-уми сентябри соли 2017 доир гардид.

9. Бахшида ба «Рӯзи забони давлатӣ» мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши забони давлатӣ дар ташакулли қонунгузории миллӣ» санаи 5-уми октябри соли 2017 доир гардид.

10. Мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Забон-мероси фарҳангии миллат» бахшида ба таҷлили «Ҳафтаи забонҳои хориҷӣ дар

факултети ҳуқуқшиносии ДМТ» 17-уми октябри соли 2017 баргузор гардид.

11. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 23 –юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар замони муосир» 2-юми ноябри соли 2017 баргузор гардид.

12. 10-уми ноябри соли ҷорӣ дар асоси нақшаи баргузории конференсияҳо ва семинарҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «25-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI –Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» дар асоси фармоиши ректори ДМТ аз 21.10. 2017, № 207-09 баргузор гардид.

13. Дар заминаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ 16-уми ноябри соли 2017 Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» дар асоси фармоиши ректори ДМТ аз 07.11.2017, № 222-09 баргузор гардид.

14. Аз 20 то 27 апрели соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносӣ Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявиии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯён бахшида ба «20-солагии Рӯзи вахдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон» баргузор гардид. Мувофиқи барнома дар 11 бахш аз 131 маърӯзаи аз тарафи устодон пешниҳод шуда, 125 маърӯза тибқи барнома ва 4 маърӯзаи иловагӣ шунида шуд. Бо сабабҳои гуногун 6 нафар устодон дар кори конференсия иштирок накарданд. Бояд зикр намуд, ки шумораи маърӯзаҳо нисбат ба соли гузашта 13 маърузаи баромадшуда зиёд мебошад. Дар конференсияи имсола масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқӣ, ба монанди: инкишофи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ дар давраи истиқлолият, функсияҳои давлат, масъалаҳои услубии ҷаҳонишавӣ дар партави назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳимояи ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ, ташакулёбии мақомоти давлатӣ дар ҶТ, масъалаҳои кализионии моликияти созмонҳои байналмилалӣ, масоили гузаронидани амалҳои аввалиндараҷаи тафтишӣ, проблемаҳои танзими ҳуқуқии ҳалли баҳсҳои замин, мушкилоти ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таҳлили намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, хусусиятҳои хоси тарҷумаи истилоҳотҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо баррасӣ карда шудаанд. Боиси зикр аст, ки аксар маводҳои конференсияҳо нашр гардидаанд.

15. Санаи 24-уми ноябри соли 2017 дар заминаи факултети ҳуқуқшиносӣ мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти адвокатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид, ки дар кори он аз мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилоту муассисаҳо намояндагони зиёд ширкат варзиданд.

Айни ҳол корҳо ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои актуалии ҳуқуқи замин» 22-и декабри соли 2017, Конференсияи илмӣ –

амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар «Нақши санадҳои байналмилалӣ дар таҳкими ҳуқуқи инсон» 8-уми декабри соли 2017 ҷараён дошта, мактубҳои иттиллооти омода гардида, ба сохторҳои дахлдор супорида шудаанд.

Бахшида ба таҷлили «Соли Ҷавонон» фаъолияти семинарҳои илмӣ-назариявии устодони ҷавонони кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷоннок карда шуд:

1. Семинарҳои илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ дар мавзӯи «Ташаккули илми байналмилалӣ дар ҶТ» санаи 18-уми феврали соли 2017 баргузор гардид.

2. Семинарҳои илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ дар мавзӯи «Мураттабсозии қонунгузории нақлиётӣ: мушкилот ва дурнамо» санаи 31-уми марти соли 2017 баргузор гардид.

3. Семинарҳои илмӣ-назариявии устодони кафедраи забонҳои хориҷӣ дар мавзӯи «Усулҳои тақвият бахшидани ҷанбаи ҳуқуқии омӯзиши забонҳои хориҷӣ» санаи 25-уми феврали соли 2017 баргузор гардид.

4. Семинарҳои илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавзӯи «Алоқамандии ҳуқуқи ҷиноятӣ бо мурофиаи ҷиноятӣ» санаи 5-уми майи соли 2017 баргузор гардид.

5. Семинарҳои илмӣ-назариявии устодони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ дар мавзӯи «Проблемаҳои мубрами инкишофи функсияҳои давлати Тоҷикистон» санаи 2-юми июни соли 2017 баргузор гардид.

6. Семинарҳои илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо» санаи 13-уми октябри соли 2017 баргузор гардид.

Ҳамин тариқ, дар давоми соли ҳисоботӣ дар факултет 2 конференсияи байналмилалӣ, 6 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 5 мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ, 1 мизи мудаввари умумидонишгоҳӣ ва 6 семинарҳои илмӣ-назариявӣ баргузор гардидааст.

Дар соли ҷорӣ ҷиҳати баргузории сеюмин Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгорони факултет фаъолона ширкат намуданд. Аз ҷумла, 46 омӯзгор дар таҳия намудани мавзӯъҳои баррасишаванда ва 26 нафар дар Форуми миллӣ, ки 3-юми ноябри соли 2017 баргузор гардид иштирок намуда, андешаҳои худро перомуни мавзӯъҳои мубрами баррасишаванда баён намуданд. Бояд зикр намуд, ки дар соли равон Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон бахшида ба «Соли ҷавонон» дар доираи Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо Вазорати адлия ҶТ, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ ва Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия 3-юми ноябри соли 2017 баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 200 нафар донишҷӯёни факултет иштирок намуда, ҳудуди 25 нафар омӯзгорони ҷавон ва

донишҷӯён бо маърӯза баромад намуданд. Бобохонов Ҳ.З. ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании ҳамчун баромадкунандаи беҳтарин бо тухфаи пулӣ ва сертификат сарфароз гардонида шуд.

Ғайр аз ин омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, дар мавзӯъҳои гуногун баромад карданд. Аз ҷумла мудири кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ.Б. дар конгреси ҳуқуқии Аврупо - Осиё, ки санаи 8-9 июни соли 2017 дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия баргузор гардид, дотсент Сафарзода А.И. ва аспиранти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ Қурбонзода Б.Ш. дар конфронси байналмилалии «Хониши Кутафинӣ» (ш.Москва, 22-27 ноябри соли 2016), дотсент Сафарзода А.И. ва ассистент Юлдошева Г.М. дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ: назария ва амалия» (14 апрели соли 2017, Санкт-Петербург) иштирок ва баромад намуданд. Устод Бозоров Р.Б. дар конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ «Внедоговорные обязательства», дар мавзуи "К вопросу о понятии и содержании обязательства, возникающего из действия в чужом интересе" дар шаҳри Аматои Казоқистон 25-26-уми майи соли 2017 иштирок ва баромад намуданд. Дотсент Сулаймонов Ф.С. дар конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ «Ҳуқуқи граждании Русия: натиҷаи сол» бахшида ба 25-солгарди таъсиси Маркази ҳуқуқи хусусӣ ба номи С.С. Алексеев назди Президенти Федератсияи Россия аз 24-27 январи соли 2017 дар шаҳри Москва дар мавзӯи «Тамоили рушди қонунгузории граждании Ҷумхурии Тоҷикистон» баромад кард, ки хароҷоти сафар аз ҳисоби хеш буд ва Қодирқулов Х.Р. рӯзҳои 18-20 майи соли 2017 дар шаҳри Алмаатои Ҷумхурии Қазоқистон дар семинари байналмилалӣ дар мавзӯи «Стандартҳои байналмилалӣ дар бахши ҳуқуқи гуреза» бо маърӯзаи «Мазмуни ҳуқуқии принсипи бадарға накардан дар доираи ҳимояи ҳуқуқи байналмилалии гуреза» ва ғайра баромад намуданд. Инчунин омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ Раҷабов М.Н., Идиев Ф.Ф. ва Қодиров Н.А. бо тариқи фосилавӣ (ғоибона) дар конференсияҳои байналмилалӣ ширкат доштанд.

Бо мақсади ба амал баровардани ҳамкориҳои дуҷониба факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазорату кумитаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои илмию тадқиқотии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ алоқаи устувори илмиро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, имрӯз факултети ҳуқуқшиносӣ бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи интихобот ва раъйпурсӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Донигоҳи давлатии дустии халқҳои Федератсияи Россия, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва ба

номи О. Е. Кутафин, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, Мактаби олии иқтисодии шаҳри Москва, Донишгоҳи миллии Қазоқистон, Донишгоҳи Бремен (Олмон), Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагина ва ғайра алоқаи зичи илмиро доро мебошад.

Натиҷаи ин ҳамкориҳост, ки омӯзгори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қодиров Далер дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва ба номи О. Е. Кутафини Федератсияи Россия рисолаи номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд. Ёдовар мешавем, ки ҷиҳати амали намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ як қатор омӯзгорони факултет ба аспирантура ва дифоъ намудани рисолаҳои илмӣ ба донишгоҳҳои Федератсияи Россия (Давлатов Диловар ва Наимов Бобоҷон) ва ғайра сафарбар карда шудаанд.

Самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотии факултети ҳуқуқшиносиро иштироки фаъолонаи омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналҳалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ нишон медиҳад. Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналхалқӣ 60 (соли 2016 -54, соли 2015 -50, соли 2014-44, соли 2013-32), ҷумҳуриявӣ 120 (соли 2016 -110, соли 2015 -102, соли 2014-96, соли 2013-71) ва умумидонишгоҳӣ 18 (соли 2016-16 соли 2015-14, соли 2014-12, соли 2013-15) баромад кардаанд.

Дигар аз самтҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии омӯзгорони факултетро аспирантура ташкил медиҳад. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ 35 (соли 2016 – 43, соли 2015 – 46, соли 2014 - 44, 2013 – 47, 2012 - 42) нафар аспирант таҳсил менамояд, ки аз ин шумора 17 (соли 2016 – 14, соли 2015 – 12, 2014-13, 2013-16, 2012-15) нафар дар шуъбаи рӯзона ва 25 (соли 2016 – 29, соли 2015 – 34, 2014-32, 2013-31, 2012-27) нафари боқимондаро аспирантони шуъбаи ғоибона ташкил медиҳанд. Дар факултет 47 нафар унвонҷӯ тадқиқотҳои илмӣ анҷом дода истодаанд. Ҳамзамон дар факултет 2 докторант, 1 докторанти PhD таҳсил менамоянд.

Боиси хушнудист, ки рӯзи 18-уми майи соли ҷорӣ Қодиров Д. – ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ дар мавзӯи «Незаконный оборот наркотических средств: особенности методики расследования (по материалам Республики Таджикистан) « аз рӯи ихтисоси «12.00.12 – криминалистика, фаъолиятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илми Федератсияи Россия Ишенко Евгений Петрович дар ш. Москва ва рӯзи 6-уми октябри соли 2017 ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ Саидов Ҳикматулло дар мавзӯи «Формирование и развитие таможенного законодательства в советском и постсоветском Таджикистане: историко-правовое исследование», аз рӯи ихтисоси «12.00.01 - Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат», зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқ Маҷидзода Ҷ.З. дар Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.KOA-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 - Ҳуқуқи

байналмилалӣ ва 6D030300 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд. Санаи 26.10.2017 кори илмии Қодиров Д.С. аз тарафи Комиссияи Олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федереатсияи Русия тасдиқ шуд.

Бояд қайд намуд, ҷиҳати фаъол намудани кори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илмҳои ҳуқуқшиносӣ омӯзгорони соҳибтаҷриба ва собиқадори факултети ҳуқуқшиносӣ бо дархости Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шиносномаи 15 ихтисоси анъанавии ҳуқуқшиносӣ, ки аз рӯи он рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ омода ва ҳимоя мегарданд, инчунин 4 шаҳодатномаи доктор аз рӯйи ихтисос яъне илмҳои ҳуқуқшиносӣ омода ва пешниҳод карда шуданд. Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 - Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошҳои беандозаи садорати факултет аз 27 апрели соли 2017, №15 таъсис ёфт. Таъсиси Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 - Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар назди ДМТ яке аз арзишмандтарин дастоварди Донишгоҳ дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ маҳсуб ёфта, аз сиёсати созандаи маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад. Минбаъд бидуни ягон маҳдудият кулли аспирантон, унвонҷуён, муҳаққиқон ва докторантон метавонанд дар Шӯро аз рӯйи се самт рисолаҳои докторӣ ва 11 самт рисолаҳои номзадӣ дифоъ намоянд.

Ҳамин тариқ, дар соли сипаригардида 2 рисолаи номзадӣ аз ҷониби омӯзгорони факултет ҳимоя гардиданд. Умуман дар факултети ҳуқуқшиносӣ 71 нафар омӯзгорони унвони илмӣ дошта фаъолият мекунанд, ки ин 51,8%-ро ташкил медиҳад. Агар мо ба панҷ соли охири фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ (2017, 2016, 2015,2014,2013) назар афканем шумораи умумии омӯзгороне, ки дифоъ кардаанд 49 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 9 нафар рисолаи докторӣ ва 40 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд.

Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар 205 барномаҳои телевизион ва радио вобаста ба масъалаҳои гуногун бахшида ба рӯзҳои Артиши миллӣ, 20 солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 23-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра дар телевизиони давлатии Сафина, Шабакаи аввал, Ҷаҳоннамо, Баҳористон, Радиои Ховар, Радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе ва ғайра баромад ва суҳбатҳо намуданд.

Соли 2017 марҳилаи 2-юми нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии солҳои 2016-2017 ба шумор рафта, корҳои илмӣ дар 11 кафедра аз рӯи 7 самт, 12 масоил ва 12 мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Равандҳои илмии фаъолияти илмӣ-тадқиқотии факултети ҳуқуқшиносӣ инҳо мебошанд:

- Қонуниятҳои умумии инкишофи ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ;
- Масъалаҳои асосии предмети танзими ҳуқуқи граждани;
- Дурнамои инкишофи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва меҳнат;
- Масъалаҳои мубрами падидаҳои ҳуқуқи контитутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Масоили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ ва криминология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Танзими ҳуқуқии рушд ва инкишофи ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи замин ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ;
- Усули сохторию-низомӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар чаҳорчубаи таҳсилоти рушд кардаистода;
- Проблемаҳои таърихӣ-назариявии давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ;
- Рушди падидаҳои конститутусионализм ва давлатдории миллӣ, равандҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, такмили қонунгузорӣ дар таъмини амалисозии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Масъалаҳои асосии предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ;
- Проблемаҳои назариявии ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ;
- Проблемаҳои назариявии ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ;
- Коркарди масоили мубрами назария, таҳияи тавсияҳои илмӣ ҷиҳати инкишофи қонунгзорӣ, рушди сохтор ва фаъолият оид ба анҷом додани адолати судӣ, назорати прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷиноятқорӣ ва пешниҳоди роҳҳои пешгирӣ намудан ва аз байн бурдани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Рушд ва инкишофи танзими хусусӣ – ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт, кишоварзӣ, экологӣ ва замин, инчунин амалия ва назарияи онҳо;
- Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир;
- Проблемаҳои назариявӣ ва амалии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳуриии Тоҷикистон;
- Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ;
- Проблемаи методикаи тафтиши ҷиноятҳо муқобили озодӣ;
- Таъсири байнихамдигарии зеҳнӣ ва низоми забон дар фаъолияти фикрии нутқи донишҷӯён дар шароити дузабонӣ.

Соли 2017 аз нигоҳи самарнокии корҳои илмию тадқиқотии омӯзгорон, яке аз солҳои пурбарор ба ҳисоб меравад. Дар соли 2017 – 634

маводҳои чопӣ (соли 2016 – 617, соли 2015 – 663, соли 2014-650, соли 2013 – 494) ба нашр расонида шудааст. Аз ин шумора:

1. Монография - 29 (соли 2016 - 28-аз ин 3-тоаш дар хориҷа), (соли 2015 - 24-аз ин 2-тоаш дар хориҷа), (соли 2014 – 38 (5-тоаш дар хориҷа), соли 2013-38,);

2. Китоби дарсӣ -11 (соли 2016 – 3, соли 2015 – 8, соли 2014-12, соли 2013 - 14);

3. Васоити таълимӣ - 42 (соли 2016 – 46, соли 2015 – 42, соли 2014-60, соли 2013 - 57);

4. Дастури таълимию методӣ -15 (соли 2016 – 22, соли 2015 – 41, соли 2014-31, соли 2013 – 68,);

5. Фишурда -26 (соли 2015 – 37, соли 2015 – 7, соли 2014-14, соли 2013 – 35);

6. Мақолаи илмию - оммавӣ 511 (соли 2016 – 481, соли 2015 – 541, соли 2014-508, соли 2013 - 307).

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ тули солҳои 2013, 2014, 2015, 2016 ва 2017 зиёда аз **3058** маводҳои илмӣ ба табъ расиданд, ки онро 157 монография, 48 китоби дарсӣ, 247 воситаи таълимӣ, 177 дастури методӣ, 119 фишурда ва 2348 мақолаҳои илмию оммавӣ ташкил медиҳад.

Соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносӣ 3 маҷаллаи илмӣ - иттиллоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь) таҳти № 1, № 2, № 3 ва 3 нашри маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» (Государствоведение и права человека) таҳти № 1,2 ва 3 (68-69) аз чоп баромаданд. Дар шумораҳои зикргардида мақолаи илмӣ, тафсир, тақриз, ёдоштҳои омӯзгорони факултет ва олимони барҷастаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Афғонистон, Эрон, Олмон, Украина, Белоруссия ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба табъ расидаанд. Дар баробари ин 17 шумораи газетаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар соли 2017 аз чоп баромаданд, ки дар он мақолаҳои омӯзгорон, кормандони соҳаҳои гуногун, аспирантон ва донишҷӯёни факултет чоп карда шуданд.

Қобили зикр аст, ки садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати ворид гардонидани маҷаллаи илмӣ - иттиллоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь) ба рӯйхатӣ маҷаллаҳои тақризшаванда як қатор корҳоро ба сомон расонид. Аз он ҷумла, тамоми ҳуҷатҳо омода карда шуда ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ворид намудани маҷалаи мазкур ба феҳристи маҷалаҳои тақризшаванда супорида шуд. Ва маҷаллаи илмӣ - иттиллоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» аз ташхиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт, дар назар аст, ки охири моҳи равон бояд аз ҷониби раёсати КАО ҶТ ба Феҳристи ягонаи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯёни дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм интишор шаванд, ворид карда шавад. Инчунин баҳри баланд бардоштани мавқеи байналмилалии журнали мазкур тамоми ҳуҷҷатҳо ба сомонаи Вазорати маориф ва илми

Федератсияи Русия баҳри ба Феҳристи ягонаи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯёни дараҷаҳои илмии номзад ва докторӣ илм интишор шаванд, гузошта шуд.

Санаи 6-уми октябри соли 2017 дар факултет маркази тестӣ ва мониторинги сифати таълим ифтитоҳ ва дар ошёнаи 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ баъд аз таъмири замонавӣ китобхонаи илмӣ ба истифода дода шуд. Китобхона бо ташаббусу мусоидати Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пурра аз нав таъмир карда шуда бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шудааст. Китобхонаи илмии факултет бо тамоми адабиёти илмиву таълимии замонавӣ ва маҷаллаҳои илмиву рӯзномаҳои даврӣ таъмин буда аз 1 толори хониш бо 64 ҷойи нишаст, ҳуҷраи нигоҳдории китобҳо ва ҳуҷраи хизматрасонӣ иборат мебошад. Фонди китобҳои илмии китобхона то имрӯз ба 25000 адад мерасанд, ки бо дастгирии садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҷамъоварӣ шуда, ҳамарӯза аз он зиёда аз 3500 донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар истифода менамоянд. Дар китобхона шароити мусоид барои мутолиакунандагон ҳам барои фасли сармо ва ҳам фасли гармо фароҳам оварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз талаботҳои нав дар соҳаи илм имрӯз дохил намудани мақола ва дигар маводҳои чопшудаи олимон ба руйхати индекси руссиягии иқтибосҳои илмӣ (РИНЦ) ба шумор меравад, ки дар ин самт омӯзгорони факултет фаъолияти худро ҷоннок намудаанд.

Бояд иброз намуд, ки дар робита ба банди 56 Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, ба зиммаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Прокуратураи генералӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ, Академияи илмҳо ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (факултети ҳуқуқшиносӣ) омода ва пешниҳод намудани лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Ҳамзамон дар таҳияи лоиҳаи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолона иштирок намуда бевосита баъзе аз бобҳо ва бандҳои лоиҳаро таёр намудаанд.

Тибқи нақша чорабиниҳое, ки Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда буд, дар бахши таҳияи самтҳои асосии рушди ҳуқуқи миллӣ омӯзгорони факултет мувazzaф гардида будаанд. Иштироки омӯзгорон дар бахшҳои зерин асосӣ буд:

- дар бахши таҳияи самтҳои асосии консепсия дар қисмати муқаддима, рушди маърифати ҳуқуқӣ, ёрии ҳуқуқӣ ва тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, қисми хотимавӣ иштирок дошт, д.и.ҳ., профессор Сотиволдиев Р.Ш. (бояд иброз намуд, ки устод дар тамоми самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ, ки консепсия фаро мегирифт иштироки фаъолона доштанд); дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ иштирок доштанд, д.и.ҳ. дотеснт Диноршоев А.М.,

ассистент Соибов З.; дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ иштирок доштанд, д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К., н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.; дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи молия, андоз ва гумрук, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ иштирок доштанд, н.и.ҳ., дотсент Сангинов Д.Ш., н.и.ҳ., дотсент Бозоров Н., ассистент Шарипов И.; дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иштирок дошт, н.и.ҳ., дотсент Сафарзода А.; дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ иштирок дошт, муаллими калон Фозилов Н.; дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ иштирок доштанд, д.и.ҳ., Искандаров З., н.и.ҳ., дотсент Абдуллоев П., ассистент Авзалов А.; дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи нақлиёт иштирок доштанд, н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ., ассистент Соҳибов М.М.; дар бахши таҳияи самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалӣ иштирок доштанд, н.и.ҳ., дотсент Раҷабов М., н.и.ҳ., дотсент Мирзоев А. Ҳамзамон бояд иброз намуд, ки баъди таёр намудани лоиҳаи намунавии консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз барои хулоса ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ирсол гардида буд, ки аз ҷониби омӯзгорон Сотиволдиев Р.Ш., Ғаюров Ш.К., Искандаров З., Маҳмудов И., Соҳибов М.М., ва дигарон муҳокима ва бо хулосаҳои нав ба аъзои гурӯҳи корӣ пешниҳодҳо ирсол карданд.

Дар асоси дастури Роҳбари дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 06. 2017с, № 41358 (23-8) мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, профессор Ғаюров Ш. К. дар гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани васоити таълимӣ ва лоиҳаи Консепсияи фондҳои кафолатии қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодааст. Ӯ ба лоиҳаҳои таҳиянамудаи БМТ оид ба дигар намудани тартиби руёниш дар КГ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» (13. 01. 2017с.) ба ММК хулосаи ҳуқуқӣ пешиҳод намуд.

Ба ғайр аз нишондодҳои дар боло зикргардида, омӯзгорони факултет имсол чун ҳар сола ба лоиҳаҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулосаҳои ҳуқуқӣ додаанд. Масалан, Диноршоев А.М. дар омода намудани лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» иштирок намудааст. Саидзода И.Х. дар таҳияи муҳокимаи лоиҳаи қонунҳои конститутсионӣ: «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ВМКБ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохтори марзиву

маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Ба лоиҳаи кодексҳо: «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (панҷ лоиҳа), «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (чор лоиҳа), «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (чор лоиҳа), «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ду лоиҳа), «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ду лоиҳа), «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ду лоиҳа).

Ба лоиҳаи қонунҳо: «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (ду лоиҳа), «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи дурнамоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ду лоиҳа), «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2018–2019», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» (ду лоиҳа), «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» (ду лоиҳа), «Дар бораи вазъи ҳуқуқии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи статуси пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи бехатарии ҳаракат дар роҳ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Оид ба

ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (се лоиҳа), «Дар бораи фаъолияти риэлторӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ, «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», «Дар бораи чарогоҳ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эхсонкорӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ, «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» , «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» ва ғайра.

Инчунин омӯзгорон Раҳмон Д.С., Азизов У.А., Диноршоҳ А.М., Маҳмудов И.Т., Қурбонов Қ.Б., Сангинов Д.Ш., Назаров А.Қ., дар гурӯҳи корӣ бо мақсади шарҳу тавзеҳи мазмуну моҳияти Паёми Президенти ҶТ дар ноҳияҳои Истаравшан, Панҷ, Восеъ, Вахш, Ҷайҳун, А.Ҷомӣ, Зафаробод ва шаҳри Душанбе иштирок намудаанд.Бо супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз он ҷумла декани факултет Раҳмон Д.С. аз санаи 11 то 16-уми сентябри соли равон ба шаҳри Исфараи вилояти Суғд сафари хизматӣ намуда, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва корхонаю муассисаҳои шаҳр дар чаҳорчубаи барномаи ташвиқу фаҳмондадиҳии тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар соли ҳисоботӣ донишҷӯёни факултет аз ҷиҳати иштирок дар озмунҳои ҷумҳриявӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд: Аз ҷумла миёни онҳо донишҷӯи курси 5-уми шуъбаи рӯзона Сафаралиев Далер зери роҳбарии бевоситаи Абдуллоев П.С. ҷои аввалро дар Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овард.

Дар идомаи ҳафтаи забонҳои хориҷӣ санаи 19-уми октябри соли 2017 дар ҳошияи маҳфили мубоҳисавии «Ворисони Куруш» озмуни

«Ҷоми Куруш»-2017 бо шукуҳу шаҳомати хосса ташкил ва бо забони англисӣ баргузор шуд. Дар анҷоми мусобиқа дастаи «De jure» донишҷӯёни соли 4-уми ихтисоси ҳуқуқи байналхалқӣ Ҷурахонов Баҳодур, Қиёмиддинов Фарҳод ва донишҷӯи соли 4-уми ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ Аҳмадов Қандил ғолиби «Ҷоми Куруш» 2017 гардиданд.

Дар озмуни «Хонандаи беҳтарини китобҳои Пешвои миллат» ки санаи 7-уми ноябр соли 2017 дар миёни донишҷӯёни ДМТ баргузор гардид Самандари Қаландар донишҷӯи курси сеюми факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷои якум, Муҳиддинов Анис донишҷӯи курси сеюми факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷои дуюм ва Буйдоқов Бурҳоналӣ донишҷӯи курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷои сеюм гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ 12 маҳфилҳои илмӣ – назариявии назди кафедравӣ фаъолият карданд, ки зиёда аз 1300 нафар донишҷӯён аъзои ин маҳфилҳо мебошанд, ки нисбат ба солҳои (соли 2012 – 436 нафар донишҷӯ, соли 2013 -750 нафар донишҷӯ, соли 2014-900 нафар донишҷӯ, соли 2015 - 950 нафар донишҷӯ, 2016 - 100 нафар донишҷӯ) зиёд мебошанд. Дар маҷмӯъ 230 (соли 2015 – 172, соли 2016 - 210) маҳфили илмии донишҷуён гузаронида шуд, ки дар он масъалаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ ва забонҳои хориҷӣ баррасӣ гардиданд. Дар факултет аз ҷониби 5 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба 30 маҳфилҳои инфиродии устодон, аз ҷумла маҳфили инфиродии профессорон Сотиволдиев Р.Ш., Ғаюров Ш.К., Холиқзода А.Ғ., дотсентон Сафарзода А.И. ва Сангинов Д.Ш. гузаронида шуданд, ки дар он беш аз 150 нафар донишҷӯён иштирок намуда, масъалаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносиро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Аз 20 то 27 апрели соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносӣ Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявиии ҳайати донишҷӯён бахшида ба «20-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон» баргузор гардид. Дар бахши донишҷӯён бошад, мувофиқи барнома дар 11 бахш 199 маърӯзаҳои донишҷӯён пешбинӣ шуда буд, ки аз ин 193 марӯъзаи донишҷуён шунида шуд. Имсол бо сабабҳои узрноку ғайриузрнок тибқи барнома 6 нафар донишҷӯён дар конференсия иштирок надоштанд. Берун аз нақша 52 нафар дар конференсия маърӯза карданд.

Бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии аъзоёни маҳфилҳои назди кафедравии Ҷамъияти илмии донишҷӯён дар соли 2016–2017 220 мақолаҳои донишҷӯёни лаёқатманд ва фаъоли факултет, ки фарогирандаи масъалаҳои муҳими ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ва давлатию сиёсӣ буданд дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» ва моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба табъ расидаанд.

Омӯзгорони факултет дар ҳимояи рисолаҳои доктoриву номзадӣ, китобҳои дарсиву васоити таълимии дохиливу хориҷӣ тақризҳо навиштанд. Чунончи: Мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ Раджабов М.Н. Рецензия на моногорафию Кузнецова М.Н. «Введение в международное частное право: теоретико-правовое исследование».М.: РУДН, 2014. 288 с. // Научно-информационный журнал «Правовая

жизнь» Апрель-июнь 2017, №2 (18).-С. 176-180; Сулаймонов Ф.С. Новая книга профессора Суханова Е.А. о вещных правах – источник познания философии вещных прав // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. № 1. 2017. Д., Сино, 2017. С.191-195; Раджабов М.Н., Қодиркулов Х.Р. Отзыв на автореферат докторской диссертации Рахмонкуловой Нилуфар Ходжи-Акбаровны на тему «Совершенствование кодификации законодательства о международном частном праве Республики Узбекистан» (28 ноября 2016г. Г. Ташкент); Раджабов М.Н., Кодиркулов Х.Р. Отзыв на автореферат докторской диссертации Абдурахмоновой Хосиятхон Бахтиёржон Кизи на тему «Регулирование отношений между родителями и детьми в международном частном праве»(г. Ташкент,9 декабря 2016г.). Аз ҷониби омӯзгорони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ -тақриз ва хулоса ба диссертатсияҳои номзадии Солиева Нигора Шодибоевна, Саидов Хикматулло Х. ва Баётоа Аяр навишта шуд.

Хулоса дар соли сипаришуда факултети ҳуқуқшиносӣ ба натиҷаҳои хуби илмӣ ноил гардида, ҳамаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тибқи нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ анҷом дода истодаанд.

**В) КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР ФАКУЛТЕТ**

Бахши тарбияи факултети ҳуқуқшиносӣ дар доираи «Нақшаи чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли 2017 ҷиҳати иҷрои «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2015-2020», (ҚШО аз 30.09.2016с, №1), «Нақшаи чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар соли 2017 ҷиҳати иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд» ва нақшаҳои тасдиқшудаи корҳои тарбиявии Раёсати ДМТ, дар соли таҳсили 2016-2017 чунин корҳоро анҷом додааст:

1. Донишҷӯёни курсҳои 1-5 бо муқаррароти Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (қарори мушоварaи Вазорати маорифи ҶТ аз 03.07. 2007, №14/2), Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (қарори ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳ аз 26.06.2009, №13) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши тарбия шинос карда шуданд.

2. Бинобар халадор сохтани ҷараёни мӯътадили дарсҳо ва давомоти нокифоя дар соли таҳсили 2017 зиёда аз 950 нафар донишҷӯ огоҳонида шуда, ба 780 нафар «сарзаниш» ва «танбеҳ» «танбеҳи қатъӣ» эълон карда шуда, 77 нафар донишҷӯён аз курсҳои мухталиф бинобар сабаби давомоти нокифоя аз сафи донишҷӯён хориҷ карда шуданд.

3. Яке аз корҳои муҳиме, ки дар самти тарбия бар души факултети ҳуқуқшиносӣ вогузор шуда буд, дар чорабиниҳои фарҳангӣ фаъолона иштирок намудани кормандону донишҷуёни факултет мебошад. Бо мақсади таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз донишҷуёни факултет сафарбар карда шуданд. Бо ин мақсад дар мувофиқа бо садорати факултет ва Раёсати донишгоҳ аз факултети ҳуқуқшиносӣ 56 нафар духтарон аз курсҳои 1 ва 2-юм, ки дар басти аввал таҳсил менамоянд, дар

чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба таҷлили иди Наврӯз, ки санаи 21.03.2017 дар Наврӯзгоҳи ш. Душанбе баргузор гардид, ҷалб карда шуданд.

Ғайр аз ин, устодону донишҷӯёни факултет барои дар сатҳи баланд таҷлил гардидани ҷашни Наврӯз дар Донишгоҳ саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Бояд зикр намуд, ки дар доираи ҷашнгирии иди Наврӯз бо фармоиши Ректори донишгоҳ байни факултетҳо озмуни Хони наврӯзӣ баргузор гардид, ки яке аз шартҳои он омода намудани 7 син, 7 шин, 7 мим ва ба намоиш гузоштани таомҳо ва либосу асбобҳои мусиқии миллӣ мебошад. Тибқи қарори комиссияи санҷишӣ дар ин озмун факултети ҳуқуқшиносӣ ҷойи 2-юмро ишғол намуд.

Ҳамин тариқ, бахшида ба эълон шудани Соли 2017 – Соли ҷавонон рӯзи 23.05.2017 53 нафар донишҷӯён дар барномаи театрикунонидашуда ва 270 нафар ҳамчун иштирокчии ин чорабинӣ дар майдони марказии Фурунзе ва 50 нафар донишҷӯён дар гирдиҳамоии назди Боғи Парчам фаъолона ширкат варзиданд.

Санаи 9-уми сентябри соли равон бо мақсади бошукуҳ таҷлил намудани ҷашни 26-солагии Истиқлолияти давлатӣ 22 нафар донишҷӯдухтарони факултети ҳуқуқшиносӣ дар чорабинии мазкур ҷалб шуданд. Инчунин доир ба шарҳу тавзеҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», ки аз ҷониби Ҳизби халқии демократии ҶТ дар Донишгоҳи славянии Руссия – Тоҷикистон 50 нафар донишҷӯ ва дар Академияи ВКД ҶТ 15 нафар донишҷӯёни фаъол бо роҳбарии ду омӯзгор иштирок намуданд. Санаи 6-уми ноябри соли 2017 80 нафар донишҷӯ бо роҳбарии шаш омӯзгор дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии “Боғи фарҳангию фароғатии Садриддин Айнӣ”, ки баъди азнавсозӣ бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, иштирок намуданд. Ҳамзамон бахшида ба ҷашни иди Парчами давлатӣ рӯзи 24-уми ноябр соли ҷорӣ муаллимон ва 80 нафар донишҷуён дар чорабинии фарҳангӣ, ки дар боғи Ирам баргузор гардид, иштирок доштанд. Дар ин росто 28 ноябри соли 2017 миёни донишҷуёни донишгоҳ викторина оида ба пешгирии бемориҳои ВИЧ-СПИД баргузор гардид, ки дар он 20 донишҷӯёни факултет фаъолона иштирок намуда, аз онҳо се нафар ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ишғол намуданд. Санаи 30 ноябри соли ҷорӣ 30 нафар доничӯёни факултет бо роҳбарии ду омӯзгор дар шабакаи телевизиони Сафина дар мавзӯи “Фарҳанги истифодабарии шабакаи ҷаҳонии интернет” баромад намуданд.

4. Донишҷӯёни маъюбу бепарастори факултет барои гирифтани кӯмаки моддӣ ба раёсати Донишгоҳ пешниҳод гардиданд, ки дар асоси фармоиши Ректори ДМТ 7 нафар донишҷӯ ба миқдори як идрор пулӣ кӯмакпулии ҳармоҳа таъмин карда шуданд.

5. Барои хабардор шудан аз ваъзи зиндагонии донишҷӯёни дар хобгоҳ иқоматдошта бо таъиноти декани факултет ҷадвали навбатдорӣ ташкил карда шудааст. Дар соли таҳсили сипаришуда силсила вохӯриҳо

бо донишҷӯёни дар хобгоҳ иқоматдошта аз ҷониби устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар мавзӯъҳои гуногун гузаронида шуд.

Дар моҳи сентябр – декабри соли ҷорӣ устодон Сангинов Д., Диноршоев А., Сафаров А., Сотиволдиев Р.Ш дар мавзӯъҳои «Маърифати ҳуқуқӣ-омили ташаккули шахсияти донишҷӯ», «Давлати ҳуқуқбунёд», «Нақши Конститутсия дар бунёди давлати соҳиб истиқлол», «Пешгирии воридшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро», суҳбатҳо гузаронида шуд. Ҳамчунин дар моҳи ноябри соли ҷорӣ дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷиҳати иҷро ва амалӣ намудани Нақша-чорабиниҳои Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар робита ба таҷлили «Рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ» ва «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» мизи мудаввар дар мавзӯи «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Асосгузори давлат ва ҳуқуқи миллӣ» бо иштироки доираи васеи омӯзгорон, олимон, кормандон ва донишҷӯён баргузор гардид. Баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои муайянгардида, кулли сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дарсҳои тарбиявӣ, аз ҷумла, санаи 31-уми октябр бахшида ба Рӯзи қабули Конститутсия дарси кушоди сарпрасти курси 2 Буриев Акмал бо ҳашт маърӯза ва санаи 16-уми ноябр бахшида ба “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мавзӯи “Садоқат ба ватан, садоқат ба Президент” дарси кушоди тарбиявии сарпарасти курси 3-юм Шарифзода С.Ш. бо шаш маърузачӣ баргузор гардид, ки дар онҳо намояндагони раёсати донишгоҳ ва садорати факултет иштирок намуданд.

Инчунин аз моҳи феврал то инҷониб дар асоси нақшаи навбатдории Хобгоҳ аз ҷониби сарпарастон ва муовинони декан оид ба тарбия дар хобгоҳи №-6 бо донишҷӯён вохӯриҳои ҳамарӯза доир мегардад. Дар ин вохӯриҳо навбатдорон аз ҳолу аҳволи донишчуён бохабар гардида, дар мавзӯҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ, ваҳдати миллӣ, одобу ахлоқи ҳамида, нагаравидан ба ҳар гуна равияҳои ифротгаро сӯҳбатҳо ороста ва аз камбудиҳои мавҷуда бохабар шуда, ба садорати факултет гузориш ирсол менамоянд. Баҳри бартараф намудани ин камбудиҳо садорати факултет чораҷӯӣ менамояд.

Ҳамзамон, донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар чорабиниҳои дар Хобгоҳ баргузор гардида, фаъолияти хуб нишон дода, фаъолона иштирок менамоянд. Масалан: санаи 7-уми март бахшида ба иди Модарон дар Хобгоҳи №6 мизи мудаввар баргузор гардид, ки дар он 1 нафар донишҷӯи курси 1 гурӯҳҳои АБВ Рустамзода Шукрона, дар мавзӯи «Зан-модар» баромад намуд ва зиёда аз 30 нафар донишҷӯёни факултет дар он иштирок доштанд.

6. Донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ барои иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ дар сатҳи факултет, донишгоҳ, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ҷалб карда шудаанд. Масалан, донишҷӯи курси 3.02 Исроилова Гулмира дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба бокс миёни занон, ки санаи 18.03.2017 дар ш. Бухорои Ҷумҳурии Узбекистон шуда гузашт, ҷойи 2-юм, донишҷӯи курси 5.01. Муродов Акмал дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба гуштини миллӣ бахшида ба таҷлили ҷашни Наврӯз, ки дар ш. Турсунзода баргузор гардид, дар вазни то 80 кг ҷойи 1-ум ва

донишҷӯи курси 2 гр. ГДЁ – Сафолов Наимҷон дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба таеквондо (ВТФ) ҷойи 1-умро ишғол намуданд, ки ин боиси ифтихори мо аст. Ғайр аз ин, дар асоси саъю кӯшишҳои пайвастаи декани факултет бо мақсади дуруст татбиқ намудани сиёсати тарзи ҳаёти солим миёни устодони факултети ҳуқуқшиносӣ низ чорабиниҳои варзишӣ пайваста ба роҳ монда шуда истодааст. Бо ин мақсад дар толори варзишии мактаби «Байналмилалии президентӣ» байни муаллимони факултет бозии футбол ташкил карда шудааст, ки он дар як ҳафта се маротиба, рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе ва шанбе баргузор мегардад. Дар ин бозӣ зиёда аз 40 нафар устодони факултет иштирок менамоянд. Гузашта аз ин, бо ибтикори Раёсати Донишгоҳ дар мувофиқа бо Федератсияи футболи шаҳри Душанбе, бахшида ба 20 солагии Ваҳдати миллӣ ва Соли ҷавонон барои дарёфти «Ҷоми ДМТ» мусобиқаи даставӣ миёни устодону кормандони донишгоҳ оид ба футболи хурд аз 4-уми май то 25-уми май багузор гардид. Санаи 25-уми май мусобиқаи мазкур ҷанбаст гардид. Дар ин мусобиқа дастаи факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷойи аввал гардид ва аз ҷониби ректори донишгоҳ академик Имомзода М.С. бо «Ҷоми ДМТ», Дипломи ДМТ дараҷаи 1 ва мукофотпулӣ қадрдонӣ гардид. Инчунин мусобиқи кушоди ДМТ оид ба футболи хурд миёни донишҷуён баргузор гардид, ки дар он донишҷуёни факултет дар байни 18 факултет ҷои аввалро ишғол намуданд.

7. Бо мақсади иҷрои Нақша - чорабиниҳои факултети ҳуқукшиносӣ ҷиҳати иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи нишондодҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Оинномаи донишгоҳ, бо баробари шурӯъ гардидани соли таҳсил нақшаи гузаронидани ҷаласаҳои волидайни донишҷӯёни гурӯҳҳои академиро барои соли таҳсили 2017 тарҳрезӣ намуда, ташкил намудани силсила ҷаласаҳои волидайнро ба роҳ монд. Ҳамин тавр, дар соли хониши 2017 10 ҷаласаи волидайни донишҷӯёни курсҳои 1-ум, 2-юм, 3-юм, 4-ум ва 5-ум баргузор гардид. Дар рафти ин ҷаласаҳо роҳбарияти факултет масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии ҷумҳурӣ, донишгоҳ ва факултетро муаррифӣ намуда, падару модаронро ҳушдор месохтанд, ки дар таълим ва тарбияи фарзанди худ бетарафӣ зоҳир накунанд.

Ҳамчунин аз волидайн пайваста даъват баамал бароварда мешуд, ки онҳо барои роиояи Қонунҳои ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» фарзандони худро таъкид намоянд.

8. Самти дигаре, ки бахши тарбияи факултет фаъол аст, гузаронидани шанбегӣ ва якшанбегиҳо мебошад. Мувофиқи нақшаи тасдиқшудаи Раёсати донишгоҳ ва нақшаи факултет ба таври доимӣ дар соли 2017 дар маҷмӯъ 62 маротиба, бо ҷалби беш аз 1210 нафар устодон

ва донишҷӯ барои тозаву озода намудани роҳравҳо ва гирду атрофи синфхонаҳои таълимӣ, инчунин қитъаи замине, ки факултет барои ободонии он масъул мебошад, шанбегиҳо ва якшанбегиҳо гузаронида шудааст. Дар асоси нақшаи нави Раёсати донишгоҳ ва нақшаи садорати факултет аз 5-уми март то 20-уми май ҷиҳати боз ҳам ободу зебо гардонидани ҳудуди пойтахти кишварамон, шаҳри Душанбе беш аз 21 маротиба дар назди бинои Амфитеатр шанбегиҳо баргузор гардид.

9. Бо мақсади иҷрои Нақша-чорабиниҳои факултети ҳуқукшиносӣ ҷиҳати иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд дар гурӯҳҳои академӣ баргузор намудани чорабиниҳо оид ба масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанги аҷдодӣ, ба худравҳои шахсӣ ба дарс наомадан мунтазам дарсҳои тарбиявӣ баргузор карда шуданд.

10. Дар факултет ҷиҳати пешбурди ҳама ҷабҳаҳои бахши тарбия - Созмони ҷавонони донишҷӯён, Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён, Шӯрои бонувон ва Шӯрои сарпарастон ки мутобиқи он ин сохторҳои тарбия ҳамарӯза фаъолияти худро баамал мебароранд.

## 10.1.ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ БОНУВОН

Шӯрои бонувони факултети ҳуқуқшиносӣ аз соли 1950 инҷониб фаъолият мекунад. Соли 2017 дар факултети ҳуқукшиносӣ 686 нафар донишҷӯдухтар бақайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 160 нафар дар шуъбаи ғоибона ва 110 нафар дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюм таҳсил мекунанд. Бо мақасади амали намудани Нақша – чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 11 воҳӯриҳои вижа бо иштироки намояндагони Раёсати донишгоҳ гузаронида шуда, оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти зан дар ҷомеа махсусан дар давраи ҷаҳонишавӣ сӯҳбатҳо баргузор карда шуданд. Дар ҳамбастаги бо бахши тарбияи факултети ҳуқуқшиносӣ дар ҳамагуна чорабиниҳои фарҳангӣ ва оммавии ҳам факултет ва Раёсати донишгоҳ донишҷӯдухтарони факултети ҳуқукшиносӣ иштироки фаъол доштанд. Аз ҷумла, бо мақсади бошукуҳ таҷлил намудани ҷашни 26-солагии Истиқлолияти давлатӣ зиёда аз 300 донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ба чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ҷалб карда шуданд. Бо ин мақсад дар мувофиқа бо садорати факултет ва Раёсати донишгоҳ аз факултети ҳуқуқшиносӣ 56 нафар духтарон аз курсҳои 1 ва 2-юм, ки дар басти аввал таҳсил менамоянд, дар чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба таҷлили иди Наврӯз, ки санаи 21.03.2017 дар Наврӯзгоҳи ш. Душанбе баргузор гардид, ҷалб карда шуданд.

## 10.2. ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ САРПАРАСТОН

Дар замони муосир тарбия яке аз унсури калидии раванди таҳсилот маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбия дар сохтори донишгоҳҳои кишвар ниҳодҳои гуногун таъсис дода мешаванд, ки яке аз онҳо Шӯрои сарпарастон маҳсуб меёбад. Дар сохтори факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шӯрои сарпарастон

фаъолият менамояд ва бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ аз ҷониби сарпарастони гурӯҳҳои академӣ, пайваста назорат мебарад.

Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ 64-аъзо дорад. Пайваста аз ҷониби сарпарастони гурӯҳҳои академӣ оид ба мавзӯъҳои мубрам дар байни донишҷӯён дарсҳои тарбиявӣ баргузор карда мешаванд. Вобаста ба ҷашнҳои муҳими давлатӣ дарсҳои кушоди тарбиявӣ аз ҷониби сарпарастон гузаронида мешаванд. Дар моҳи ноябри соли ҷорӣ аз ҷониби сарпарастон дарсҳои тарбиявӣ дар мавзӯъҳои «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - санади олии ҳуқуқӣ», «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Парчами давлатӣ - рамзи давлатдорист», «Моҳияти тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қонунгузории соҳаи маориф» ва дигар мавзӯъҳои тибқи ҷадвали тасдиқгардида, баргузор гардиданд.

Айни замон фаъолияти Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ муташаккилона ба роҳ монда шудааст. Дар давраи ҳисоботи Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ 8-ҷаласа баргузор намуда, масъалаҳои муҳими қисми тарбияро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Натиҷаи кори тарбиявии сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои сарпарастон мавриди муҳокима қарор мегирад ва барои бартараф кардани камбудиҳо дар ин самт тадбирҳо андешида мешаванд. Натиҷаи хуби фаъолияти сарпарастон қадрдонӣ мегардад.

Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамкории доимии худро бо бахши тарбия ва Шӯрои сарпарастони донишгоҳ ба роҳ мондааст ва дастуру супоришҳои бахши тарбияи донишгоҳро сари вақт ба анҷом мерасонад.

## Г) ФАЪОЛИЯТИ КУМИТАИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

Бюрои иттифоқи касабаи устодон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», Оинномаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, фаъолият карда истодааст.

Ҳама устодон ва кормандони факултет аъзоёни иттифоқи касаба мебошанд.

Бюрои иттифоқи касабаи факултет аз 5 нафар аъзо иборат буда, аз омӯзгорони кафедраҳои мухталифи факултет созмон дода шудааст.

Ҳайати аъзоёни иттифоқи касабаи факултет айни ҳол аз инҳо иборат аст:

- Раис - ассистент Мавлоназаров О.А.
- Котиб -корманди техникӣ Хабибова Б.Х.

Дар назди Кумита 3-то комиссияҳои доимоамалкунанда амал мекунанд:

• Комиссия оид ба нафақа, манзил ва баҳсҳои меҳнатӣ (ассистент Мавлоназаров О.А.)

• Комиссияи муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ (дотсент Азизқулова Г.С.)

• Комиссияи варзиш (ассистент Саидов Ҳ.)

• Комиссияи маданӣ – равшаннамоӣ (ассистент Амренова Ш.)

Нақшаҳои кории ҳар як комиссия ҳамасола дар оғози моҳи январи соли тақвимӣ дар ҷаласаҳои бюро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ карда мешаванд. Ҳамин тавр, нақшаи фаъолияти бюро дар ҳар соли тақвимӣ, дар асоси нақшаҳои фаъолияти Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия карда шуда, дар бюрои факултет баррасӣ ва қабул карда шуда, барои тасдиқ ба Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ ирсол карда мешавад.

Дар давраи хисоботӣ ба унвонии бюро аз ҷониби аъзоёни иттифоқи касаба зиёда аз 25 аризаю пешниҳодҳо, дархостҳо ворид гардидаанд. Бояд иброз намоям, ки аксарияти онҳо ҷиҳати расонидани кӯмакҳои молиявӣ, ҷудо кардани роҳхат ба осоишгоҳҳою фароғатгоҳҳои ҷумҳурӣ буданд. Кумита кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки бештари онҳоро мусбӣ ва ба манфиати устодон ва кормандон ҳал намояд. Ҳамчунин аъзои Шӯрои олимон дар ҷаласаҳо фаъолона иштирок намуда, нисбати аксар масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаҳо фикру андешаҳо ва пешниҳодҳои худро иброз намудаанд.

Бюро мувофиқи нақшаи фаъолияташ дар муддати соли сипаришуда якчанд ҷаласаҳо гузаронида, масъалаҳои гуногунро баррасӣ, муҳокима намуда, нисбат ба ҳар яки он дар алоҳидагӣ қарорҳои дахлдор қабул намудааст.

Бояд иброз дошт, ки Раёсати донишгоҳ барои барқарор намудани саломатии устодону кормандон ва тайёр кардани туҳфаҳои солинавӣ барои фарзандони онҳо ҳамеша дастгирӣ ва кӯмаки молиявӣ менамояд. Дар Соли нави қаблӣ аз ҷониби Кумита ба миқдори 129 дона туҳфаҳои солинавӣ ба устодон ва кормандон дода шуданд.

Дар донишгоҳ анъана шудааст, ки ба муносибати Рӯзи Модарон ҳамасола аз ҷониби Кумита ба бонувони донишгоҳ ба қадри имкон барои табрикоташон маблағ ҷудо намояд. Соли 2017 барои ҷашнгирии Иди Модарон - 8 март ба факултет миқдори муайяни маблағ ҷудо карда шуд (барои 37 нафар занон 1480 сомонӣ), ки аз ҳисоби ин маблағ тухфаҳо харидорӣ карда шуданд. Дар соли сипаришуда барои барқарор намудани саломатии устодону кормандони факултет аз тарафи Кумита роҳхатҳо ба осоишгоҳҳои ҷумҳурӣ харидорӣ карда шуданд.

Дар соли сипаришуда барои барқарор намудани саломатии устодону кормандони факултет аз тарафи Кумита роҳхатҳо ба осоишгоҳҳои ҷумҳурӣ харидорӣ карда шуда, дар асоси аризаҳои аъзоён ва нусха аз қарорҳои Кумита тақсим карда шудаанд.

Дар самти ҳифзи иҷтимоию иқтисодии аъзоёнаш Кумита дар давраи ҳисоботӣ корҳои назаррасро анҷом додааст. Дар асоси аризаҳои аъзоёни иттифоқи касабаи факултет ба 5 нафар кӯмакпулии яквақтаинаи моддӣ расонида шуд.

Бахшида ба Рӯзи Иди муаллимон дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Имомов Ашӯрбой бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда шуд ва ҳамчунин дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Азизқулова Г.С барои истироҳат дар табобатгоҳи “Хоҷа Оби Гарм”тавсия дода шуд. Дар баробари ин дар моҳи ноябри соли ҷорӣ барои барқарор кардани саломати дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Абдуллоев Неъмат бо пешниҳои бюрои иттифоқи касабаи кормандону устодон ва розигии садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ба мӯҳлати як ҳафта ба осоишгоҳи Баҳористон сафарбар карда шуд.

Ҳамкории бюрои иттифоки касаба бо садорати факултет ва Кумитаи иттифоқи касабаи ДМТ дар робитаи доимӣ, дар сатҳи муайян сурат мегирад.

**Д) КОМИССИЯИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМҲО ДАР ФАКУЛТЕТ.** Дар факултети ҳуқуқшиносӣ комиссияи бахши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо таъсис дода шудааст ва фаъолияти он муташаккилона ҷараён дорад.

Баъди ворид гардидани тағйиру иловаҳои нав ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар факултети ҳуқуқшиносӣ дар робита ба риояи ин қонуни миллӣ як қатор корҳо ба сомон расонида шуд.

Бо мақсади иҷрои Моддаи 5[1] и Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси таъиноти декани факултети ҳуқуқшиносӣ аз санаи 30.08.2017 дар факултет комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҳайати нав таъсис дода шуд. Дар асоси таъиноти декан Раиси комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросимро декани факултет дотсент Раҳмон Д.С. ва котибии комиссияи мазкурро ассистент Саъдиев И.З. ба уҳда доранд.

Дар асоси дастури раиси комиссияи ҷамъиятӣ достент Раҳмон Д.С. ҷиҳати риоя ва дуруст дарк кардани меъёрҳои қонуни номбурда кулли сарпарастон уҳдадор шуданд, ки дар дарсҳои тарбиявӣ ин масъаларо пайгири намуда, ҳатман як дарсро пурра ба ин масъала бахшанд.

Ҳамчунин дар факултети ҳуқуқшиносӣ аз оғози соли таҳсил бо волидайни курсҳои 1 то 5 ҷаласаҳои волидайн гузаронида шуда, яке аз масъалаҳо дар рӯзномаи ҷаласа танзими анъана ва ҷашну маросим ташкил медод. Дар рафти ҷаласаҳо, ки дар он раиси комиссияи ҷамъиятӣ ва котиби комиссия бевосита ширкат меварзиданд ба волидайни донишҷӯён нуктаҳои муҳими қонуни мазкур шарҳу тавзеҳ дода, ба саволҳои сершумори волидайни донишҷӯён оид ба меъёрҳои нави Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷавобҳои мушаххас доданд.

Дар баробари ин дар муддати се моҳ аз ҷониби устодон ва кормандони факултет маъракаҳо барпо гардид. Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим дар факултети ҳуқуқшиносӣ бо ҳар як соҳиби маърака бо мақсади риояи дақиқ ва ҳамаҷонибаи қонун

суҳбатҳо гузаронида, протокол тартиб дода, дар онҳо дар баробари Раис ва котиби комиссияи ҷамъиятӣ ҳар як соҳиби маърака имзо гузоштаанд.

Дар се моҳи фаъолияти комиссия дар факултет 7 маъракаи туйи арусию домодӣ ва се маъракаи азодорӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар ҷараёни он ҳеҷ гунна қоидавайронкунӣ на аз ҷониби комиссияи ҷамъиятӣ ва на аз ҷониби мақомотҳои ваколатдор дар ин бахш бақайд гирифта нашудааст.

**Декани факултети ҳуқуқшиносӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент** **Раҳмон Д.С.**